Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №101-102 (2928-2929) | СЕШАНБЕ, 7 АВГУСТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРӢ БА НОҲИЯИ ЁВОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Боздиди кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз шиносоӣ бо рафти сохтмони як корхонаи азими сементбарорӣ, ки дар назди корхонаи мавҷудаи «Ғаюр Семент» бо номи «Хуаксин Ғаюр Семент» бунёд меёбад, оғоз ёфт.

Тавре иттилоъ дода шуд, ин корхона бо сармоягузории муштараки соҳибкорони тоҷику чинӣ, ки ҳаҷми умумиаш ба 100 миллион доллари амрикоӣ баробар аст, бояд то моҳи августи соли оянда сохта ба истифода дода шавад. Иқтидори лоиҳавии корхона 1 миллион тонна сементи навъи 400 ва 450 дар як сол мебошад.

Ҳоло дар ин ҷо беш аз 400 нафар машғули коранд. Баъди пурра ба кор даромадани корхонаи нав дар ин ҷо зиёда аз 1100 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд, ки 1000 каси он шаҳрвандони Тоҷикистон хоҳанд буд.

То имрӯз корҳои заминӣ пурра ва бунёди таҳкурсии корхона ба ҳадди 20 фоиз иҷро шуда, воридоти техникаю таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ босубот идома дорад.

Роҳбарияти корхона ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои дар давраи сохтмон озод намудани ин корхона аз ҳамаи андозҳо ва боҷи гумрукӣ барои воридоти техникаю таҷҳизот арзи сипос намуда, уҳдадор шуданд, ки баъди ба истеҳсолот шурӯъ намудан дар рушди саноати кишвар ва ғанӣ гардондани буҷети давлатӣ саҳми намоён хоҳанд гузошт.

Тавре иттилоъ дода шуд, корхонаи нави сементбарорӣ ба ҳайси сӯзишворӣ ба ҷойи газ аз ангиштсанги ватанӣ истифода менамояд ва таҷҳизоти барои ин кор воридnamудаашон пурра ба талаботи ҷаҳонии экологӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ин корхона бо назардошти талаботи афзоянда ба семент дар бозори дохилӣ ва минтақавӣ бунёд меёбад ва ба гуфти роҳбарияти он баробари ба кор даромаданаш нархи ин маҳсулот дар дохили кишвар бояд хеле коҳиш ёбад, зеро бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ ва сӯзишвории ангишт арзиши аслии он коҳиш меёбад.

Тавре иттилоъ дода шуд, моҳи сентябри соли равон 300 нафар ҷавонони тоҷик барои аз худ намудани ихтисосҳои муҳандисӣ-техникӣ ва технологии ин соҳа ба Чин барои таҳсил фиристода мешаванд ва барои омода кардани мутахассисони миёнаю коргарӣ пойгоҳи таълимии омӯзишгоҳи касбӣ-техникии Ёвон васеъ истифода хоҳад шуд.

Роҳбарияти тоҷикию чинии корхона тасмим гирифтаанд, ки бар ивази як мактаби дар назди корхона вуҷуддошта онҳо 2 мактаби нави замонавӣ барои мардуми ноҳияи Ёвон сохта тӯҳфа мекунанд. Бо дастуру ҳидояти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон онҳо ҳамчунин уҳдадор шуданд, ки як боғчаи кӯдакона ва хонаҳои истиқоматӣ барои коргарони корхона бунёд намуда, дар навсозии роҳҳои мошингарди ноҳия ва хатҳои барқу оби он саҳмгузорӣ мекунанд.

Сипас, бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон комбинати коркарди шири «Баракат»-и ноҳияи Ёвон ба кор даровarda шуд.

Корхонаи мазкур аз ҷониби ҶСП «Комрон агро холдинг» бо харҷи 2,5 миллион доллари амрикоӣ бунёд ёфта, 40 нафар, асосан занону духтарони маҳаллиро бо кори доимӣ таъмин мекунад.



Чоруми августи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои шиносоӣ бо нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон сафар кард.

Бо ишора ба маоши ками онҳо Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки моҳонаи миёнаи коргарон ҳоло 800 сомонӣ ва аз соли нав 1000 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Тавре зикр гардид, корхона корро аз коркарди 500 литр шир оғоз намуда, то охири сол, бо назардошти талаботи бозор, ба иқтидори лоиҳавии 5 тонна дар як шабонарӯз фаъолият хоҳад кард. Дар ин ҷо 10 намуд маҳсулоти ширӣ, аз ҷумла ҷурғот, дуғоб, қаймоқ, яхмос, панир ва ғайра истеҳсол мешавад.



Дар маркази шаҳраки Ёвон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон як бинои навбунёди варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо варзишгарони маъруфи ноҳия сӯҳбат намуд.

Тавре маълум шуд, ин бинои сеошёна аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Илҳом Мирзоев бо харҷи 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ бунёд ёфта, аз толорҳои обутоби бадан бо асбоби варзишӣ, гӯштӣ, таэквон-до ва ғайра иборат аст.

Барои машқу тамрин дар ин толорҳо аллакай 14 мураббӣ ва зиёда аз 300 варзишгар номнавис шудаанд.

Дар паҳлуи бинои варзишӣ як корхонаи дӯхти либоси кӯдакона бо харҷи 1 миллион доллари амрикоӣ бунёд меёбад, ки он ҳам маҳсули фаъолияти соҳибкории Илҳом Мирзоев мебошад. Чунонки зикр гардид, ин корхона бо иқтидори дӯхти 10 ҳазор либос дар як сол пешбинӣ шуда, дар он то 400 нафар занону духтарони маҳаллӣ ба кори доимӣ ҷалб хоҳанд шуд.

Ин соҳибкор аз ташрифи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба коргоҳаш басо сарфароз гардида, уҳдадорӣ гирифт, ки то моҳи августи соли оянда аз ҳисоби фоидааш боз як бинои боҳашамати варзишӣ бунёд менамояд.

Бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар корхонаи равғанбарории «Ато» сехҳои нави асосӣ ва экстраксионӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Тавре зикр гардид, корхонаи мазкур бо харҷи 2,5 миллион доллари амрикоӣ сохта ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шуда, асосан равғани растанӣ, кунҷора ва дигар маҳсулот истеҳсол мекунад. Сехҳои нави корхона барои истеҳсоли равған аз чигити пахта, дони офтобпараст, маҳсар, лӯбиё ва зағир пешбинӣ шудааст. Корхона имкон дорад дар як шабонарӯз аз 80 то 100 тонна ашёи хомро коркард намуда, маҳсулоти тайёр истеҳсол намояд. Дар ин корхона 120 нафар ба кори доимӣ ҷалб шудаанд, ки 20 нафари эшон мутахассисони баландпояи муҳандисӣ-техникӣ ва технологҳо мебошанд.

Сехи нави экстраксионӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, барои равғанкашӣ аз кунҷора нигаронда шудааст. Тавре зикр гардид, баъди коркарди асосии донҳои равғандор то 17 фоиз равған дар таркиби кунҷора боқӣ мемонад. Аз ин хотир, равғани боқимонда бо истифода аз технологияи махсус дар сехи экстраксионӣ аз кунҷора ҷудо карда мешавад. Баъди чунин коркард танҳо як фоиз равған дар таркиби кунҷора боқӣ мемонад. Дар ҳамин ҷо ба кунҷора ҳамзамон сафеда ва протеин илова мегардад, ки барои чорво басо фоидабахш аст.

Аҳли корхона ҳоло дар 12 гектар барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худ маҳсар кишт намудаанд ва оянда ният доранд, ки фаъолияти кишоварзиро барои таъмини худ бо ашёи хом вусъат диҳанд. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти ноҳия дастур дод, ки ба ин корхона барои кишти зироатҳои равғандор 300 гектар замини корам ҷудо намоянд.

Сипас, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба заминҳои ширкати чинии «Ҷинян Инхай», ки дар деҳоти «Даҳана»-и ноҳияи Ёвон қарор доранд, ташриф оварда, бо таҷрибаи пешқадами кишоварзони он бевосита шиносоӣ пайдо намуд.

Тавре зикр гардид, ба ин ширкат дар асоси созишномаи ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Чин дар соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Ёвон 295 гектар замин барои дар амал нишон додани таҷрибаи пешқадами кишоварзони ин кишвар дода шудааст.

Мавриди зикри хос аст, ки онҳо асосан заминҳои бекорхобидаи партов, шӯрзада, обҳои зеризаминиаш баланд ва камҳосилро гирифта, дар муддати кӯтоҳ онро ба кори босамари кишоварзӣ мутобиқ месозанд ва аз он ҳосили баланди зироат ба даст меоранд.

Ҳадафҳои асосӣ аз ҳамкорӣ бо кишоварзони чинӣ ворид намудани техникаю технологияи пешқадами соҳа, барқарорсозӣ ва ба гардиши кишоварзӣ баргардондани заминҳои бесифати партов, ворид ва ҳосил намудани тухмиҳои хушсифати серҳосил ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мебошад. Бинобар таъкиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти озуқавории кишвар аз ҳисоби имкону захираҳои дохилӣ равона гардидааст».

Чунонки маълум шуд, кишоварзони чинӣ дар 30 гектар замин ба таври таҷрибавӣ як навъи чинии пахтаи серҳосилро кишт намудаанд ва бовар доранд, ки аз ҳар гектараш ба ҳисоби миёна 60 сентнерӣ ҳосил мерӯёнанд. Дар чанд қитъаи дигар навъҳои нав эҷодшудаи пахта кишт карда шудааст. Ба серҳосилтарини ин навъҳои нав, ки ҳар ниҳолаш то 200 ва беш аз он кӯрак дорад, аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон номи «Дӯстӣ» гузошта шуд.

(Идома дар саҳ. 2)

## Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 13 июни соли 2012 № 834**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 395**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 296; с. 2004, №7, мод. 451; с. 2007, №5, мод. 352; с.2008, №10, мод. 797) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми дуюми моддаи 28 калимаи «бошад» ба калимаҳои «буда, забони давлатиро донад» иваз карда шавад.

2. Ба қисми шашуми моддаи 29 пас аз калимаҳои «таҳсилоти олӣ» калимаҳои «буда, забони давлатиро донад» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 896**

## Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОН БА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 13 июни соли 2012 № 836**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» -ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 397**

**Моддаи 1.** Ба қисми якуми моддаи 26 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 298; с. 2007, №5, мод. 353) пас аз калимаҳои «мешавад, ки» калимаҳои «забони давлатиро донад ва» илова карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 898**

## ТАНҲО ВАҲДАТУ ДӮСТӢ МОРО БА МАҚСАД МЕРАСОНАД

**Душанбе, 2 август. (АМИТ «Ховар»).**-Ҳодисае, ки дар Бадахшон рух дод, ҳеҷ як фарди ватандӯсту солимақли кишварро бетараф намегузорад. Аз ҳама сангин барои мо қурбон гаштани ҳамватанони азизамон аст, ки онро бо ягон маблағ қиёс карда намешавад. Бинобар ин, ба оилаҳои ҳалокшудагон, хешу табори онҳо ҳамдардии амиқу самимии худро баён менамоем. Ин воқеаи нангин боиси таваҷҷуҳи ҷиддии доираҳои сиёсию ҷамъиятии дохилӣ ва хориҷӣ гашта, дар сархати ахбори тамоми хабаргузориҳои дохилӣ, минтақавӣ, кишварҳои собиқ Шӯравӣ, инчунин расонаҳои бонуфузи байналмилалӣ қарор гирифтааст. Баъзе хабарҳо дар ин маврид хусусияти ғаразнок дошта, доираҳои муайян мехоҳанд, ки аз он ба манфиати худ истифода кунанд.

То имрӯз нисбат ба ин ҳодиса кишварҳое чун Россия, ИМА, Британияи Кабир, Қирғизистон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, чун Иттиҳоди Аврупо, САҲА ва ғайра аксуламали расмӣ нишон додаанд, ба истиснои Чин ва Афғонистон, ки мавқеи яктарафаро гирифтаанд. Ҳатто дар бархе аз расонаҳо дар симои Бадахшон «Қарабоғи тоҷикӣ» ва «Абхазияи тоҷикӣ»-ро мебинанд, ки ин ишораҳои мазмундор мебошанд.

Тазоҳуроти чанд нафар аз мардуми ин вилоят боис шуду дар хориҷи кишвар чеҳраи Тоҷикистонро чун кишвари бесубот ва ғайридемократӣ доғдор сохт. Табиист, ки чунин вазъият ҳам ба раванди сармоягузории хориҷӣ ва ҳам ба рушди туризм, ки ҳар ду барои рушди кишвар ва вилоят муҳиманд, таъсири манфӣ хоҳад гузошт.

Дар ин миён, хусусан баъзе расонаҳои Россия мақсади амалиётро «идомаи ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон» номида, вазъиятро бисёр муташанниҷ нишон доданӣ мешаванд. Бешубҳа, чунин вазъияти геополитикӣ дар атрофи масъалаи Бадахшон бароиояндаи Тоҷикистон ва амнияти минтақа бехатар нахоҳад буд.

(Идома дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРӢ БА НОҲИЯИ ЁВОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

(Идома аз саҳ. 1)

Дар 180 гектар замин навъҳои серҳосили ҷуворимакка кишт намуда, аз ҳар гектараш то 100 сентнерӣ дон гирифтанианд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар як сол аз заминҳои обии водиҳои Тоҷикистон ду ҳосили дони ҷуворимакка гирифтан мумкин аст.

ҳам кам ва босамар истифода мебаранд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Ёвонро, ки дар ин ҷо барои сӯҳбат бо Роҳбари давлат ва шиносоӣ бо таҷрибаи кишоварзони чинӣ ҷамъ омада буданд, ба омӯзиши ҳамаҷониба ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои пешқадами соҳа ҳидоят кард.



Кишоварзони чинӣ дар ноҳияҳои Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ҷалолиддини Румӣ асосан кишти пахта, ҷуворимакка, ғалладона, шолӣ, чормағзи заминӣ, сабзавот ва лӯбиёгиҳоро таҷриба мекунанд.

Тавре аён мегардад, муваффақияти асосии кори онҳо истифодаи босамару камхарҷ аз техникаю мошинолоти кишоварзӣ ва тухмиҳои хушсифати серҳосил, дар зери пленка як моҳ барвақттар коридани зироат ва коркарди саривақтӣ ва илман асосноки заминҳои кишт мебошад. Ба гуфти мутахассисони таҷрибаомӯз онҳо дар як гашти техника якбора якчанд амалиёти кишоварзиро иҷро намуда, ба замин дар як сол як бор, вале ба қадри кофӣ нурӣ медиҳанд ва хароҷоти худро бамаротиб кам мекунанд. Онҳо обро

Зимни боздиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз хоҷагии деҳқонии «Абдураҳмонҷон»-и деҳоти «Даҳана», ки дар ҳамсоягии наздики кишоварзони чинӣ қарор доранд, роҳбари он Абдумуталиб Охунов изҳор дошт, ки ҳоло таҷрибаи зироаткории ҳамсояи худро мавриди омӯзиш қарор додаанд ва аз соли оянда онро дар амал татбиқ хоҳанд кард.

Чунонке маълум шуд, ин хоҷагӣ дорои 106 гектар замини корам буда, дар 60 гектар пахтаи навъи «Хуҷанд 67» кишт намудаанд. Соли гузашта аз ҳар гектари он 31 сентнерӣ ҳосил гирифтанд ва имсол умед доранд, ки ин нишондиҳанда ба 35 сентнерӣ мерасад. Аз 20 гектар ғаллаи обӣ ба ҳисоби миёна 30 сентнерӣ ҳосил гирифта, дар заминҳои холишуда кишти такрорӣ мегузаронанд. То имрӯз 9 гектар замин такроран кишт шудааст. Онҳо ҳамчунин 10 гектарӣ юнучқа ва полезӣ кишт намуда, дар 7 гектар боғи нави зардолу, гелос ва дигар дарахтони мевадиҳанда бунёд намудаанд. Хоҷагӣ 60 саҳмдор доштааст, ки ҳар яке ғайр аз маош бо 5 садяки замини коркардшудаи дар ихтиёрашон вогузоргардида, хӯроки бепули чорво ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ба кор ҳавасманд карда мешаванд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сӯҳбатҳо бо роҳбарияти ноҳия ва масъулони дигар аз қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз идораҳои обрасонӣ, ки қариб ба 8,5 миллион сомонӣ расидааст, қарзи маош ба кормандон, ҳолати бади мелиоративии зиёда аз 2 ҳазор гектар замини обӣ, берун мондани 130 гектар замини корам аз истифодаи кишоварзӣ ва қонуншиканиҳо дар соҳаи тақсимоти замин барои сохтмони манзил ёдовар шуда, барои бартараф кардани ин ва дигар камбудиҳои ҷиддӣ ба онҳо супоришҳои мушаххас дод.

*www.prezident.tj*

# ТАНҲО ВАҲДАТУ ДӮСТӢ МОРО БА МАҚСАД МЕРАСОНАД

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳодисаҳои шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар вазъияти имрӯзаи ҳассоси ҷаҳон, дар минтақаи ҳамсарҳад бо Афғонистон бояд мардуми кишварро водор намояд, ки арзиши ниҳоят муҳими ваҳдати миллӣ ва осоиштагиро хуб дарк намоянд. Боварии комил дорем, сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои ҳар як сокини Тоҷикистон арзишмандтарин муқаддасот маҳсуб меёбад, зеро замони ноором ва рӯзгори талхи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳанӯз аз ёдҳо зудуда нагаштааст. То ҳол осори он ҳодисаи нангини таърихи тоҷикон дар пайкари миллати тоҷик боқӣ мондааст.

наҳои хориҷӣ ҳодисаро ҳар чӣ печидатар инъикос намоянд. Ҳатто муносибати дӯстонаи Тоҷикистонро бо дигар давлатҳо зери суол баранд.

Ҳамватанони гиромӣ! Ҳанӯз ҳам модари тоҷик аз доғи фарзанде, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва ноороомиҳо аз даст додааст, месӯзад. Ҳанӯз ҳам сиёҳии аз дуди оташи ҷанг дар минтақаҳои кишвар боқимонда ба назар мерасад. Ҳанӯз ҳам пайи хисороти аз он солҳо меросмонда покиза нашудааст. Ҳанӯз ҳам аз сабзаи рӯйи қабри ғӯрамаргони ҷанги шаҳрвандӣ бӯйи хун меояд… Пас ба кӣ зарур аст, ки боз хун бирезаду тоҷик бимирад? Агар тарафдори суботему ояндаи дурахшони миллату давлатро мехоҳем, моро зарур аст, ки мавқеи маҳаллиро ба мавқеи солими миллӣ иваз намоем!

Тибқи иттилооти иктишофии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар дараи Варсичи вилояти Бадахшони Афғонистон дар ҳудуди 400 то 1000 силоҳбадаст қарор дорад. Мутобиқи иттилооти манбаъҳо ин неруҳо ҳадаф доштанд, ки ба марзи Тоҷикистон дохил шуда, дар вилояти Бадахшони Тоҷикистон ноамниҳоро ба вуҷуд оранд.

Маҳз ин омил яке аз сабабҳоест, ки сафи неруҳои низомӣ дар минтақа бештар гардид. Яъне, вазъи сиёсиву иҷтимоии минтақа, бо назардошти вазъияти Афғонистони ҳамсоя, тақозо мекард, ки сафи неруҳои низомӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бештар гардад. Аз ин гурӯҳҳои ҷинояткор ба ҳарос афтода, ба амалҳои ғайриқонунӣ даст заданд.

Вале ҳодисаҳое, ки дар Хоруғ рух доданд, то ҷое баёнгари он аст, ки то ҳол мо ба дараҷаи зарурӣ ба қадри ваҳдати миллӣ нарасидаем.

Баъзе аз расонаҳои дохиливу хориҷӣ ҳодисаи бамиёномадаро бо хабарҳои ғаразнок тобиши дигар дода, ба эҳсосоти сокинони Бадахшон нохун мезаданд. Аз ин фурсат истифода карда, гурӯҳҳои алоҳида ҳисси маҳалгароии шаҳрвандони кишварро ангеза медоданд, то ҷаҳолат ба ақли солим ғолиб гардида, Тоҷикистони азизро боз ба майдони кашмакашиҳо табдил диҳанд.

Дар марҳалаи оғози ҳодисаи мазкур онҳо қариб муваффақ шуданд, ки бо паҳн намудани ҳар гуна хабар боварии мардумро ба даст оварда, гурӯҳҳои силоҳбадастеро, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар содир кардани ҷиноятҳо гумонбар медонанд, ҳамчун қаҳрамони замон муаррифӣ намоянд.

Дар чанд рӯзи охир баъзе аз фарзандони миллати тоҷик дар хориҷи кишвар ба ин ҳодиса аз нигоҳи манфиатҳои як маҳал баҳо дода, бо ин амалашон на ба хатми он мусоидат мекарданд, балки латмае ба обрӯю эътибори миллат ва давлати тоҷикон мезаданд. Аз изҳори назари ин қабил ашхос дар бораи ҳодисаи мадди назар чунин бармеояд, ки ояндаи субот дар ҷомеа ва ягонагии миллати тоҷик барои онҳо арзише надорад. Садо додани мавқеъҳои номувофиқ ба манфиатҳои миллӣ ва давлатдорӣ аз ҷониби худи тоҷикон боис ба он гардид, ки расо

Дар ибтидои истиқлоли Тоҷикистон, маҳз дар миёни мардуми тоҷик ба ҳадди ифроти худ расидани маҳалгароӣ боиси сар задани ҳодисаҳои гӯшношунид гардида буд. Камтарин сабақ аз он рӯзҳои мудҳиш басанда аст, ки ақли солимро ба кор барем ва ба иғвои душманон фирефта нашавем.

Хушбахтона, вазъи Хоруғ бомаром ором шуда, ҳодисаи нангин ҳалли худро ёфта истодааст. Умед дорем, гурӯҳи корие, ки барои музокирот бо ширкати намояндагони Ҳукумат, чеҳраҳои маъруфи ҷомеа, зиёиёну диндорон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷониби силоҳбадастон ташкил шудааст, ба натиҷаи мусбат мерасад. Мардуми сарбаланди Тоҷикистонро зарур аст, ки ба ҳар гуна овозаҳои бардурӯғ бовар накарда, анҷоми фаъолияти гурӯҳи кориро интизор шаванд.

Имрӯз барои баъзеҳо мавҷудияти неруҳои давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон боиси нигаронӣ ва ташвиш гардидааст. Ҳамагон бояд донанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду моҳ пеш дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон машқҳои низомиро анҷом дод, ки ҳадафи аслиашон аз омода намудани ниҳодҳои қудратии ҷумҳурӣ дар мубориза бар зидди силоҳбадастони баромадашон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ иборат буд.

Аз ҳодисаи куштори ваҳшиёнаи генерал Абдулло Назаров ва шурӯъ шудани муноқиша дар Бадахшон, Толиб Айёмбеков- сардори Ситоди дидбонгоҳи марзбонии Ишкошим, подполковники Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки дар он даҳолати мустақим дошт, таҳдид карда буд, ки дар сурати шурӯи амалиёт аз Афғонистон кӯмак хоҳад гирифт. Чунин изҳороти Т. Айёмбеков боис гардид, ки неруҳои низомӣ дар вилоят амалиётро оғоз кунанд.

Амалиёт нишон дод, ки неруҳои мухталифи афғонӣ бо ҳайати кам ҳам бошад, дар задухӯрдҳо иштирок карданд. Тавре ки маълум аст, ҳашт нафар афғон ба асорат гирифта шуд. Ҳукумати Афғонистон низ дар ин маврид аз мавқеи давлати Тоҷикистон расман дастгирӣ намуд.

Дар ҳар сурат, баъд аз ин бо дастури Сарвари давлат амалиёти низомӣ қатъ гардид ва музокирот шурӯъ шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи манфиатҳои мардуми вилоят омодагӣ изҳор намуд, ки дар сурати супоридани силоҳ силоҳбадастонро афв намояд ва барои онҳо имтиёзҳо низ пешбинӣ кунад. Ҳамагон бояд итминон дошта бошем, ки танҳо дар якҷоягӣ ва ваҳдат ба ормонҳои миллати хеш хоҳем расид.

***МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***

## Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)



### ЮСУПОВ Ёқуб

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Хонақоҳ №110, ноҳияи Ҳисор**

Соли 1912 дар ноҳияи Ленин таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик. Мактаби хоҷагии қишлоқи шаҳри Душанберо хатм намудааст.

Раиси Шӯрои деҳоти Ҳисор ва Карамкӯл, агрономи қитъавии шӯъбаи зироати ноҳияи Ҳисор, аз соли 1941 то соли 1942 узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Ждanoви ноҳияи Ҳисор ва соли 1942 раиси идораи колхози ба номи Жданов буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### БОЗОРБОЕВА Майрам Маликовна

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чиптура №111, ноҳияи Ҳисор**



Соли 1917 дар шаҳри Қазалинскийи ҶШС Қазоқистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Дар вазифаҳои муаллима, директори мактаб, мудири шӯъбаи маорифи шаҳрӣ, инструктори КМ ҲК Тоҷикистон, котиби Кумитаи вилоятии ҲК Тоҷикистон, раиси комиссияи назорати шӯравии Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



### АДҲАМОВА София

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чузӣ №112, ноҳияи Ҳисор**

Соли 1934 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Соли 1959 Институти хоҷагии қишлоқро хатм намудааст. Ихтисосаш агроном.

Дар совхози боғу токпарварии «Шаҳринав» сардори бригада-агротехник шуда кор кардааст.

### ЗОҲИДОВА Лутфӣ

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шаҳринав №113, ноҳияи Ҳисор**



Соли 1925 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1939 ҳамчун солисткаи балети ансамбли иттифоқҳои касабаи шаҳри Москва сар кардааст. Аз соли 1941 дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С.Айнӣ кор кардааст.

Барандаи Мукофоти давлатӣ. Артисткаи халқии СССР.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



### ПӮЛОТОВ Одина

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Данғара №114, ноҳияи Данғара**

Соли 1926 дар деҳаи Лаваки ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро дар колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Данғара сар кардаст. Аз соли 1958 чӯпон, баъд дар совхози «Данғара» сарчӯпон буд.

### АЛИЕВ Ғулом Алиевич

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Кангурт №115, ноҳияи Данғара**



Соли 1915 дар шаҳри Самарқанди ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Директори Институти чорводории тадқиқоти илмии филиали Тоҷикистонии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ, директори Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, ноиб-президенти АИ ҶШС Тоҷикистон, ҷонишини якуми вазир, вазири хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### НАЗАРОВ Анвар

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Пушкин №116, ноҳияи Данғара**



Соли 1920 дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Ленин таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 сар кардааст. Мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти Варзоб, раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Данғара, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Данғара, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Данғара буд.

Бо ордени Ситораи Сурх ва якчанд медалҳо мукофотонида шудааст.

### АҲМАДОВА Идигул

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шӯро №117, ноҳияи Данғара**



Соли 1935 дар деҳаи Ҳалқаёри ноҳияи Совет таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1947 колхозчӣ шуда сар кардааст. Аз соли 1959 говдӯши артели хоҷагии деҳоти «Правда»-и Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии ноҳияи Данғара буд.



### ҚУВВАТОВА Тошмомо

**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Танобчӣ №118, ноҳияи Данғара**

Соли 1923 дар деҳаи Танобчии ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1938 ба сифати колхозчӣ сар кардааст. Аз соли 1943 говдӯши артели хоҷагии деҳоти «Ленин йӯли», Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Данғара буд.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

Дар ҳошияи Паёми Президент

# КОМПЮТЕР МОРО БА ПЕШ МЕБАРАД Ё БА ҚАФО?

*«Рӯ овардан ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва татбиқи ҳар чӣ васеи онҳо дар ҷомеа яке аз ниёзмандиҳои дигари замони ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад.*

*Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳими замони муосир мебошад...*

*Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд.».*

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012)***



Имрӯз хонае нест, ки дар он се-чор ва ҳатто зиёдтар телефони мобилӣ набошад. Компютерро бошад, қариб ҳама медонад, ки чист ва онро дастрас намудану бо он кор кардан дигар муаммо нест. Мо дар айёме зиндагӣ дорем, ки маҳсули ақли инсон ба дараҷаи олӣ расидааст. Одам бо ақли Худодод кашфиётҳоеро анҷом медиҳад, ки худ ҳайрон мемонад ва ҳамзамон баъзан дарди сари худаш низ мешавад. Бузургони мо фармудаҳои зиёде доранд ва одамонро насиҳат мекунанд, ки пеш аз шурӯи коре андеша мебояд. Аммо, бубинед, дар ҷараёни рушду тараққии ҷомеа инсон атом ва бомбаи атомӣ, садҳо навъи яроқҳои қатли ом ва маводи заҳролудро кашф кард ва он бар зидди кӣ истифода мешавад? Бар зидди одам. Компютерро ҳам вақте ихтироъ карданд, нахуст ҳамчун воситаи истихборот (хабар, маълумот ҷамъ овардан, хусусан барои идораҳои ҷосусӣ) истифода бурда мешуд. Ҳангоме ки ин сир ошкор гардид, онро оммавӣ карданд. Вале, имрӯз ҳам ин «техникаи мушкилкушо ва безарар»-ро бо мақсадҳои ғаразнок истифода мебаранд. Тавассути компютер ба тамоми гӯшаю канори олам сайр кардан, макони хурдтарини як гӯшаи дигари дунёро тамошо кардан мумкин аст. Чунончӣ, бо ҳамин қадар саводи компютерие, ки мо дорем, рӯзе як бародар тавассути Интернет макони зист ва хонаю даҳлезамро ёфта, сурат гирифт ва чоп карда, ба дастам дод. Пас, он абарқудратҳо, кашшофони ин техникаи ҳамабин оё аз тамоми кору рафтор ва сирру асрори мо огоҳ нестанд?

Аммо, технологияҳои нав бартарию манфиатҳои зиёде низ доранд, агар аз он мақсаднок истифода бурда шавад. Алҳол дар кишварҳои олам намудҳои навтарини техникаю технологияҳои иттилоотӣ, коммуникатсиониро кашф намудаанд, ки тавассути онҳо дар ҳамаи бахшҳои соҳаҳои хоҷагии халқ тағйиротҳои куллӣ ба амал меоянд ва ин раванд бо суръати баланд идома дорад. Компютерҳои нав дорои хотираҳои бисёр ва барномаҳои гуногун аст ва тавассути онҳо ҷараёни бисёр корҳо сабук мегардад. «Компютерҳои муосир дар як сония миллиард ва аз ин зиёдтарададҳоро ҳисоб карда метавонанд.

Бо назардошти зудкории компютер барои муайян намудани имкониятҳои онҳо дар қиёс бо фосилаи иҷрои амалиёт ҳатто калимаи сония истифода бурда нашуда, балки калимаҳои микросония ё наносонияро мавриди истифода қарор медиҳанд» *(Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо: Дастури амалӣ-методӣ/ Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот. Мураттибон С. Шосаидова ва Ҷ. Гулбекова. Муҳаррир Ҷ.Шерматов.- Душанбе: «Эҷод», 2007, саҳ. 6).*

Дар кишвари мо 10-15 сол пеш кам андар кам нафарон ҳатто соҳиби телефонҳои мобилӣ ва ё компютер буданд. Имрӯз қариб дар ҳама муассисаю корхонаҳо компютер мавҷуд аст ва ҷараёни баъзе корҳо бо он анҷом дода мешавад. Дар робита ба нақши техникаю технологияи нав дар идоракунии давлат оид ба рушди он Президент, Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба тасвиб расондаанд, ки фаъолияти гуногунҷанбаи онҳоро ба танзим медарорад. Аз ҷумла фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 таҳти №648 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004 таҳти № 330 «Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNI CODE барои истифодабарии компютерӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (соли 2001), «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (соли 2002), «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоъ» (соли 2008) ва ғайра, бо ҳамин мақсад таҳия ва қабул шудаанд.

Яъне, имрӯз зарурати ҳар чӣ бештар ҷорӣ кардани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ба миён омадааст, зеро дар акси ҳол, ба қавли мудири кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.С. Ниёзов «…таъхир дар истифодаи ТИК (технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ) метавонад сабабгори афзоиши дастгоҳи давлатӣ (басти корӣ, теъдоди хизматчиёни давлатӣ, сохтор ва ғ.), коҳиши сатҳи пардохти меҳнат дар бахши давлатӣ, заъфи сохтори ташкилӣ гардад. Мусаллам аст, ки ин зуҳурот ба манфиати идоракунии давлатӣ нахоҳад буд. Самаранокии идоракунии давлатӣ дар маҷмӯъ аз фаъолияти бонизом дар самтҳои зерин, аз қабили самаранокии ҳамкории мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва ташкилоту муассисаҳо, самаранокии фаъолияти ҳар як ташкилот дар алоҳидагӣ, самаранокии алоқамандии байниҳамдигарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошад» (*А.С. Ниёзов, Технологияи иттилоотӣ ва идоракунии давлатии Тоҷикистон дар шароити муосир //Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010, №4, –с.55*).

Яъне, ҳар чӣ зудтар ва самаранок ҷорӣ кардани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ба он боис мегардад, ки корҳои давлатӣ сифатан хубтар анҷом ёбанд, алоқамандии мақомоти давлатӣ бо меҳнаткашон беҳтар шавад, дар идораҳои давлатӣ доир ба масъалаи техника, маводи дафтардорӣ ва ғайра сарфаҷӯйӣ ба роҳ монда шавад. Алҳол дар идораю ташкилотҳои давлатӣ хеле зиёд маводи гуногун, аз ҷумла коғазу дигар воситаҳо истифода мешавад. Мубодилаи номаҳо ва маълумоту хабарҳо байни идораҳо ба воситаи мактубҳо, хаткашонҳо, автомобил ва ғайра сурат мегирад, ки дар ин ҳолат одамон ва нақлиёти зиёд ба кор ҷалб мешаванд, мактубҳо сари вақт намерасанд. Табиист, ки барои ҷорӣ кардани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, тайёр кардани мутахассисоне лозим аст, ки дониши хуби замонавӣ дошта, истифодаи компютер ва дигар воситаҳои иттилоотрасонро донанд. Алҳол норасоии чунин мутахассисон дар тамоми ташкилоту муассисаҳои давлатӣ эҳсос мешавад. Ҳол он ки воситаҳои техникӣ, яъне компютер қариб дар ҳама ҷо мавҷуд аст.

Дар Паём зикр гардидааст, ки бо мақсади такмили сохтор ва кам кардани хароҷоти мақомоти идоракунии давлатӣ кормандони мақомоти идораи давлатӣ 15 фоиз кам карда мешавад ва маблағҳои аз ин ҳисоб сарфашаванда барои таъминоти иҷтимоиву ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддиву техникии сохтору мақомоти давлатӣ, яъне вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона мегардад. «Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати таъмини шаффофияти сарфи маблағҳои буҷетӣ ва истифодаи дурусти захираҳои моддиву молиявӣ пешниҳод мегардад, ки мубодилаи электронии маълумот байни мақомоти давлатӣ васеъ ба роҳ монда шавад» - омадааст дар *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012.*

Тавре ишора гардид, бе истифодаи самараноки техникаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ташкилоту идораҳо сарфу хароҷот хеле зиёд аст ва ҷорӣ кардани он чунин хароҷотро кам ва самараи онро афзун менамояд.

Акнун биёед ба суоле ҷавоб диҳем, ки дар идораю муассисаҳои давлатӣ ва ё ғайридавлатӣ аз компютер оё самаранок истифода мебаранд? Ба гумонам на он қадар самаранок. Мову шумо мушоҳида мекунем, ки бисёр нафароне, ки бо компютер сарукор доранд, вақти зиёди худро ба тамошои наворе ё бозии қарта ва ё номанависӣ (тавассути почтаи электронӣ) сарф мекунанд. Инро дар ҳар як идораю ташкилот дидан мумкин аст. Ба ҷойи он, ки мо аз компютер барои пешрафти кори идора, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, сарфакории вақт ва дастрасии фаврии иттилооту маълумот истифода барем, ба корҳои беҳуда машғул мешавем.

Чаро? Воқеан, ин масъала боиси нигаронӣ бояд бошад. Дар асл, имрӯз, тавре ишора кардем, шароити хуб барои истифодаи самараноки техникаю технологияи замонавӣ дар кишварамон муҳайё гаштааст ва Сарвари давлат зимни суханрониҳояшон ҳамеша таъкид мекунанд, ки мо бояд дониши худро такмил диҳем то аз ҷаҳони муосир қафо намонем. Чунончӣ, дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Асри XXI даврони рушди илму технология буда, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, аз худ кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ташаккули неруи солиму созандаи ҷомеа шарти асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки дар ҳама давру замон неруи инсонӣ бузургтарин арзишу дороии миллату давлат мебошад».

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ки ба қадри фаҳмишу дониши хеш баён кардем, тақозо мешавад, ки мо бояд дониши хуби технологияи нави компютериро дошта бошем. Бахусус ходимони давлатӣ, кормандони муассисаҳо, корхонаҳо, идораҳои давлатӣ, рӯзноманигорон, толибилмону донишҷӯён бояд аз ин донишҳо бархурдор бошанд. Барои фарогирии технологияи иттилоотрасон ва коммуникатсионӣ дар тамоми донишкадаю донишгоҳҳо, таълимгоҳҳои дигар дарсҳои омӯзиши компютерӣ ба роҳ монда, ба он ҷиддитар машғул шудан лозим аст. Ҳамзамон дар тамоми ташкилоту муассисаҳо созмон додани курсҳои махсуси омӯзиши копютерро ба роҳ мондан зарур аст, то ки хизматчиёни давлатӣ ва дигар корманди идораю муассисаҳо тарзи дурусти истифода аз компютерро омӯзанд ва дар фаъолияти ҳаррӯзаи хеш истифода баранд. Дар ин робита назорат бурдан лозим, ки дар идораҳо ва муассисаҳои таълимӣ аз компютер ва дигар технологияҳои замонавӣ мақсаднок истифода баранд. Дар акси ҳол компютер ва интернет метавонад барои ҷавонон ҳамчун як манбаи навбатӣ - беҳуда гузарондани вақт ва тамошои наворҳои пур аз фисқу фуҷур хизмат намояд.

***Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 6 июни соли 2012 №831**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №390**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод.176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 189, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №819), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.».

2. Ба Кодекс моддаҳои $1^1$, $1^2$ ва $1^3$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«**Моддаи $1^1$. Муносибатҳое, ки қонунгузории замин танзим менамояд**

Қонунгузории замин муносибатҳоро вобаста ба истифодабарӣ ва ҳифзи замин, инчунин муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи заминистифодабарӣ, ки вобаста ба гирифтани (ба даст овардани) ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба миён меоянд, ба танзим медарорад.

Муносибатҳои вобаста ба ҳифз ва истифодабарии захираҳои табиӣ, об, ҷангал, олами ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, минтақаҳо ва объектҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ҳавои атмосфера ва объектҳои махсуси таърихию фарҳангӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд. Меъёрҳои соҳаҳои номбурда вобаста ба муносибатҳои замин дар қисме амал менамоянд, ки агар ин муносибатҳоро қонунгузории замин танзим накарда бошад.

**Моддаи $1^2$. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **қитъаи замин** - қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад;

- **заминистифодабаранда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки қитъаи замин ба ӯ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ ё бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода шудааст (ба даст оварда шудааст);

- **Фонди ягонаи давлатии замин** - маҷмӯи қитъаҳои замини дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, ки аз гурӯҳи муайяни қитъаҳои замин бо таъиноти муайяни мақсаднок иборат мебошад;

- **гурӯҳи замин** - қисми Фонди ягонаи давлатии замин, ки бо таъиноти асосии мақсаднок ҷудо карда мешавад ва низоми муайяни ҳуқуқӣ дорад;

- **таъиноти мақсадноки замин** - истифодабарии қитъаҳои замин бо мақсадҳои дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқ ба қитъаи замин нишондодашуда;

- **сервитут** - ҳуқуқи шахс ва (ё) шахсон ба истифодаи маҳдуди қитъаи замини дар истифодаи дигар шахс қарордошта, ки бо тартиби муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шудааст;

- **ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин** – тибқи Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бадастовардашавандаи (бадастовардашудаи) истифодабарии бемӯҳлат, мӯҳлатнок ё якумраи меросӣ ё дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замин тибқи Кодекси мазкур додашуда ё ҳуқуқи истифодабарии бемӯҳлат, мӯҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст.

**Моддаи $1^3$ . Принсипҳои асосии қонунгузории замин**

Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи он қабулгардидаи қонунгузории замин ба принсипҳои зайл асос меёбанд:

- нигоҳдории Фонди ягонаи давлатии замин, беҳтар намудани сифат ва ҳосилхез кардани замин ҳамчун захираи муҳимтарини табиӣ;
- таъмини истифодабарии самараноки замин;
- таъмини ҳифзи махсус, васеъ намудан ва истифодабарии қатъии мақсадноки заминҳои кишоварзӣ;
- ташкили бозори ҳуқуқи истифодабарии замин, фаъолияти самараноки он ва роҳ надодан ба фаъолияти инҳисорӣ дар бозори ҳуқуқи истифодабарии замин;
- дастгирии давлатӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳосилхез кардани заминҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва ҳифзи замин;
- дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати ба даст овардан, истифода бурдан ва бегона кардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешгирии зараррасонӣ ба замин, муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ;
- гуногуншаклии хоҷагидорӣ, таъмини баробарҳуқуқии истифодабарандагони замин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо;
- таъмин намудани баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои вобаста ба замин, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо;
- музднок будани истифодабарии замин;
- дастрас будани иттилоот оид ба қитъаҳои замин.».

3. Ба моддаи 2 қисмҳои сеюм ва чорум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро бо асосҳо, шартҳо ва андозае, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании муқаррар намудааст, бегона намоянд.

Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ қитъаҳои замин бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаҳои замин дода мешаванд.».

4. Ба Кодекс моддаҳои $2^1$ ва $2^2$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«**Моддаи $2^1$. Объекти муносибатҳои вобаста ба замин**

Объектҳои муносибатҳои вобаста ба замин инҳоянд:
- замин ҳамчун объекти табиӣ ва захираи табиӣ;
- қитъаҳои замин;
- ҳуқуқи гирифтани қитъаи замин ва саҳми замин.

**Моддаи $2^2$. Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳамчун объекти ҳуқуқи граждании**

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи граждании буда, метавонад предмети хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад ва инчунин ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад.

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба тариқи бемузд ё музднок дода мешавад.

Қитъаҳои замине, ки ба бегона намудани ҳуқуқи истифодабариашон ҳуқуқ пайдо кардаанд, танҳо мувофиқи таъиноти мақсадноки онҳо истифода бурда мешаванд.

Ҳеҷ кас, ба ҳайр аз асосҳои дар Кодекси мазкур пешбинигардида, аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин маҳрум карда намешавад.».

5. Дар моддаи 5:

- банди «а» дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«а) гирифтан ва додани қитъаҳои замин дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои умумидавлатӣ;»;

- дар банди «в» калимаҳои «мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд;

- банди «е» дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«е) тасдиқи тартиби муқаррар намудани сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) ба қитъаҳои замин;»;

- бандҳои «и» ва «к» бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«и) муқаррар намудани тартиби ба заминистифодабарандагон бемузд ё музднок додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо, андозаи қитъаҳои замине, ки бемузд ё музднок дода мешаванд, андозаи ҳадди ақалли қитъаи замини тақсимнашаванда, инчунин тартиби додан (ба даст овардан) ва гирифтани қитъаҳои замин;

к) амалӣ намудани дигар салоҳияте, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст.».

6. Дар моддаи 6:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 6. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин»;**

- қисми якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин чунин ваколатҳо дорад:»;

- дар банди «и» калимаҳои «бақайдгирии давлатии» ба калимаҳои «бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории бақайдгирии давлатии» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 7:

- ба қисми якум бандҳои «е», «ж» ва «з» бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«е) таъмини дастрасии баробари занҳо ва мардҳо ба қитъаҳои замин;

ж) муқаррар намудани ҳадди ақалли иҷорапулӣ барои истифодабарии қитъаи замин, муқаррар намудани сервитутҳои оммавӣ (маҷбурӣ) ба қитъаҳои замин;

з) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бемузд ё музднок додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он.».

8. Дар банди «а» қисми якуми моддаи 8 калимаҳои «мақомоти ҳокимияти маҳаллии шаҳрҳо ва ноҳияҳо» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи $8^1$:

- дар номи модда калимаҳои «ҳокимияти маҳаллии» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии» иваз карда шаванд;

- дар қисми якум калимаҳои «Ҳокимияти маҳаллии» ба калимаҳои «Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии» иваз карда шаванд;

- дар банди «а» калимаҳои «ҳокимияти маҳаллии шаҳрҳо (ноҳияҳо)» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо» иваз карда шаванд.

10. Қисми дуюми моддаи 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Риоя накардани қоидаҳои аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани қитъаҳои замини пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои инҳо асос шуда метавонад:».

11. Ба моддаи 10 қисмҳои панҷум ва шашум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Шахси воқеие, ки дар якҷоягӣ бо дигар шахсони воқеӣ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро дорад, пас аз татбиқи ҳуқуқи худ ба ҷудо намудани қитъаи замин тибқи саҳми замини худ дар маҳал ҳуқуқи истифодабарандаи заминро соҳиб мешавад.

Ба қитъаи замине, ки ба истифодабарии он аз ҷониби заминистифодабаранда – шахси воқеӣ ҳангоми дар никоҳ будан бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳуқуқ пайдо кардаанд, муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории граждании ва оила дар бораи моликияти умумии ҳамсарон татбиқ мегардад.».

12. Ба Кодекс моддаи $10^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $10^1$. Ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаҳои замини дигар заминистифодабарандагон**

Ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаи замин (минбаъд - сервитут) метавонад бо розигии тарафҳо (минбаъд - сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ё дар мавриди зарурат дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо (минбаъд - сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) муқаррар карда шавад.

Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) ҳамчунин аз ҷониби суд аз рӯи даъвои шахс дар мавриди ба даст овардани созиш дар бораи муқаррар намудани сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) метавонад муқаррар карда шавад.

Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) дар мавридҳое, ки он барои таъмини манфиатҳои давлат ва аҳолии маҳаллӣ зарур бошад, бе гирифтани қитъаҳои замин муқаррар карда мешавад.

Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) метавонад дар мавридҳои зайл муқаррар карда шавад:

- барои гузаштан, аз ҷумла бо нақлиёт тариқи қитъаи замин ба объектҳои истифодаи умумӣ, қабристон, мазорҳо ва дигар объектҳои хусусияти мазҳабидошта;
- барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсадҳои таъмир ва хизматрасонии шабакаҳои коммуналӣ, муҳандисию техникӣ, барқӣ, инчунин объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ;
- барои дар қитъаи замин ҷойгир намудани нишонаҳои марзию геодезӣ ва гузаргоҳ ба онҳо;
- барои обгирӣ ва обдиҳии чорво ва қитъаи замин, аз тариқи қитъаи замин аз як ҷой ба дигар ҷой рондани ҳайвонот;
- барои истифодабарии қитъаи замин бо мақсадҳои шикор, моҳигирӣ аз ҳавзҳои воқеи қитъаи замин, ҷамъоварии растаниҳои худрӯй дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ва бо тартиби муқарраргардида;
- барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсадҳои иҷрои корҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва дигар корҳо;
- барои дастрасии озод ба заминҳои назди соҳил;
- дар ҳолатҳои дигари ба манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандбуда.

Сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ба қитъаи замин бо розигии тарафҳо, дар мавриди пайдо гардидани баҳс миёни заминистифодабарандагон бошад, дар асоси қарори суд муқаррар карда мешавад. Шакли шартнома оид ба сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Истифодабарандаи қитъаи замине, ки ба он сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ё оммавӣ (маҷбурӣ) муқаррар карда шудааст, ҳуқуқ дорад аз шахсоне, ки сервитут ба манфиаташон муқаррар гардидааст, пардохти мувофиқро талаб намояд.

Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) истифодабарии қитъаи заминро номумкин гардонад, заминистифодабаранда ҳуқуқ дорад аз ӯ гирифтани қитъаи замин, аз ҷумла бо роҳи харида гирифтани ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаи заминро бо ҷуброни зарар аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути оммавӣ (маҷбурӣ)-ро муқаррар намудаанд ё додани қитъаи дигари баробарарзиши заминро бо ҷуброни товони зарар талаб намояд.

Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) истифодабарии қитъаи заминро мушкил гардонад, заминистифодабаранда ҳуқуқ дорад аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути оммавӣ (маҷбурӣ)-ро муқаррар намудаанд, пардохти музди баробарарзишро талаб намояд.

Дар мавриди бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини бо сервитут маҳдуд кардашуда ё ба дигар кас ба иҷора ё ба гарав додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин сервитут эътибори худро нигоҳ медорад.

Сервитуте, ки тибқи шартнома ба вуҷуд омадааст, метавонад ба мӯҳлати номуайян ё муайян муқаррар карда шавад. Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) метавонад бинобар аз байн рафтани асосҳое, ки тибқи онҳо сервитут муқаррар шуда буд, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо ё суд қатъ карда шавад.».

13. Ба қисми дуюми моддаи 13 пас аз калимаҳои «бист сол бошад» калимаҳои «ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс» илова карда шаванд.

14. Дар қисми якуми моддаи 14 калимаҳои «Заминистифодабарандагони якумдараҷа» ба калимаи «Заминистифодабарандагон» иваз карда шаванд.

15. Моддаи 15 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 15. Бақайдгирии давлатии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин**

Бақайдгирии давлатии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» амалӣ карда мешавад.».

16. Моддаи 16 хориҷ карда шавад.

17. Дар банди «в» қисми якуми моддаи 17 калимаи «миқдори» ба калимаи «андозаи» иваз карда шавад.

18. Ба Кодекс моддаҳои $17^1$ ва $17^2$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

**«Моддаи $17^1$. Асосҳо барои пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он**

Асосҳо барои пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он инҳоянд:

- додани қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин дар бозори ҳуқуқи истифодаи замин тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он бо тартиби мерос ё бо роҳи ҳуқуққабулкунии умумӣ;
- дар натиҷаи аҳдҳои ҳуқуқии граждании ва дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он.

Ҳангоми аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани шахс, ки дорои ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он мебошад, ин ҳуқуқ бояд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бегона карда шавад.

Дар ҳолате, ки бо ин ё он сабаб бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ғайриимкон аст ва ё бо хоҳиши шахсе, ки шаҳрвандиаш қатъ мегардад, ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бамузд баргардонида мешавад. Ҳангоми баргардонидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ба соҳибҳуқуқ арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он пардохт карда мешавад.

**Моддаи $17^2$. Маҳдудиятҳо оид ба вогузоштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он**

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминҳое, ки таҳти объектҳои зерин қарор доранд, бегона карда намешаванд:

- мамнӯъгоҳҳои табиӣ ва боғҳои миллӣ;
- бино, иморат ва иншооте, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ истифода бурда мешаванд;
- муассисаҳои давлатӣ;
- агар дар ҳудудашон объектҳои об ҷойгир шуда бошанд;
- объектҳои осори пурарзиши таърихию фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мамнӯъгоҳҳои таърихию фарҳангӣ ва объектҳои меросии археологӣ;
- барои таъмини эҳтиёҷоти мудофиа ва амният, саноати мудофиавӣ, гумрукӣ, ташкилотҳои алоқа ва нақлиёт, аз ҷумла фурудгоҳҳо, ки дар қисми мазкур нишон дода нашудаанд.

Ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замини зерин дар гардиш маҳдуд карда мешавад:

- дар доираи ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда, ки дар қисми якуми ҳамин модда нишон дода нашудаанд;
- аз таркиби заминҳои фонди ҷангал.

Бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замини ҳудуди назди соҳил, ки тибқи Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, инчунин қитъаҳои замине, ки дар онҳо ҳавз ва кӯлҳо дар ҳудуди мавзеи истифодаи умумӣ ҷойгир шудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.».

19. Ба Кодекс моддаи $18^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $18^1$. Қитъаҳои замини тақсимшаванда ва тақсимнашаванда**

Қитъаи замин метавонад тақсимшаванда ва тақсимнашаванда бошад:

- қитъаи замини тақсимшаванда қитъаест, ки бе тағйир додани таъиноти мақсаднокаш ва бе вайрон намудани ҳолати зиддисӯхторӣ, санитарӣ, экологӣ, сохтмонӣ ва дигар меъёрҳо ва қоидаҳои ҳатмӣ мумкин аст ба қисмҳо, ки ҳар кадоми онҳо баъд аз тақсимот қитъаи замини мустақилро ташкил медиҳад, тақсим карда шавад;
- қитъаи замини тақсимнашаванда қитъаест, ки бе тағйир додани таъиноти мақсаднокаш ва бе вайрон намудани ҳолати зиддисӯхторӣ, санитарӣ, экологӣ, сохтмонӣ ва дигар меъёрҳо ва қоидаҳои ҳатмӣ ба қитъаҳои замини мустақил ҷудо шуда наметавонад.

Тақсимнашаванда будани қитъаи замин дар ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодабарии заминро тасдиқ менамояд, нишон дода мешавад.

Ҳуқуқи истифодабарии қисми қитъаи замини баъд аз тақсим ҷудокарда аз рӯзи бақайдгирии давлатии пайдо кардани ҳуқуқ ба он ба вуҷуд меояд.

Андозаи ҳадди ақалли қитъаи замини тақсимнашаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сохти маъмурӣ - ҳудудӣ, гурӯҳ ва таъиноти замин муайян карда мешавад.».

20. Дар моддаи 19:

- сархати шашум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- мустақилона бе дахолати мақомоти давлатӣ дар мавриди ҳуқуқи истифодабарии замини бо ҳуқуқи бегона намудани он гирифташуда (ба даст овардашуда) аҳдҳои ҳуқуқии граждании (хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, гарав ва ғайра) банданд, ба истиснои муқаррароти Кодекси мазкур;».

- сархати ҳаштум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«- сервитути хусусиро (ба розигӣ асосёфтаро) ба қитъаи замин муқаррар намоянд;».

21. Ба моддаи 20 сархати дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- бо розигии иҷорагир замини ба иҷора гирифташударо ба иҷораи фаръӣ (субаренда) диҳад.».

22. Дар сархати шашуми моддаи 21 калимаҳои «мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия» ба калимаҳои «мақомоти дахлдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

23. Матни моддаи 22 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Қитъаҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дода мешаванд.

Тартиби додани қитъаҳои заминро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Андозаҳои ниҳоии (ҳадди ақал ва аксари) қитъаҳои замин аз заминҳои таъиноти гуногун, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо барои истифода дода мешаванд, ба истиснои ҳолатҳои дар моддаи 71 Кодекси мазкур пешбинигардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.».

24. Дар моддаи 23:

- дар қисми якум калимаҳои «истеҳсолоти кишоварзӣ» ба калимаҳои «истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ» иваз карда шаванд;

- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замини таъиноти кишоварзӣ бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита дар истеҳсолоти кишоварзӣ иштирок доранд, дода мешавад.»;

- қисми дуюм қисми сеюм ҳисобида шуда, дар он калимаҳои «мақоми давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

25. Дар қисми дуюми моддаи 24 калимаҳои «мақомоти геологӣ» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи геология» иваз карда шаванд.

26. Дар моддаи 25:

- дар қисми дуюм калимаҳои «Заминҳое, ки» ба калимаҳои «Заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва заминҳое, ки» иваз карда шаванд;

- қисмҳои сеюм, чорум ва панҷум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Ҳангоми ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ гузаштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ бо ҳуқуқи бегона намудани он ин ҳуқуқ бояд дар давоми як соли баъди пайдо кардани ҳуқуқ ба қитъаи замин ба фоидаи шахси воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бегона карда шавад.

Агар бо ягон сабаб бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии чунин қитъаи замин ба фоидаи шахси воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон бошад, ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба таври музднок, бо арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин дода мешавад.

Дар сурати иҷро нагардидани талаботи қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи мазкур гирифтани қитъаи замине, ки ҳуқуқи истифодабарии он ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ гузаштааст, бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад.».

27. Дар моддаи $26^1$ калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

28. Дар моддаи 27:

- қисми якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино (иморат, иншоот) ҳуқуқи истифодаи қисмати қитъаи замин, ки ин бино (иморат, иншоот) дар он қарор дорад, ҳамчунин қисми ҳамшафати он қитъаи замине, ки барои хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур аст, ба шахси ин бино (иморат, иншоот)-ро харида бемузд мегузарад. Қисми қитъаи замине, ки аз ҳудуди барои истифодабарӣ ва хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур зиёд мебошад, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври музднок мегузарад.»;

- дар қисмҳои дуюм ва сеюм калимаҳои «мақоми давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

29. Дар моддаи $27^1$ :

- қисми сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Агар қисми қитъаи замин ҳамчун қитъаи замини алоҳида тақсим нагардида, ҳуқуқи истифодабарӣ бо ҳуқуқи бегона намудани он тибқи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ тасдиқ нашуда бошад, гарави ҳуқуқи истифодабарии он иҷозат дода намешавад.»;

- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шавад.

30. Дар моддаи 28 калимаҳои «мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

31. Ба моддаи 33 қисми панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Арзиши бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.».

32. Дар моддаи 37:

- банди «з» бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«з) аз узвияти хоҷагии деҳқонӣ баровардан бо асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.»;

- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Дар ҳолати қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он бо асосҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда муайян шудаанд, ба заминистифодабаранда нархи бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини ӯ ҷуброн карда мешавад.».

33. Ба Кодекс моддаи $38^2$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $38^2$. Асосҳо ва тартиби ихтиёран даст кашидани шахс аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин**

Ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо роҳи додани ариза аз ҷониби заминистифодабаранда дар бораи даст кашидан аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарори қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи додани ариза аз ҷониби заминистифодабаранда қабул менамояд.

Қарори қабулшуда оид ба қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба аризадиҳанда ва ба мақомоти ваколатдори давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар мӯҳлати се рӯз барои бақайдгирии давлатӣ фиристонида мешавад.

Агар ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини зикргардида бо ҳуқуқи бегона намудани он дода шуда бошад, ба заминистифодабаранда дар мӯҳлати як моҳ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо нархи бозорӣ ҷуброн карда мешавад.».

34. Қисми сеюми моддаи 39 дар таҳрири зайл баён карда шавад.

«Маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо асосҳои дар бандҳои «в», «г» ва «д» моддаи 37 Кодекси мазкур пешбинишуда танҳо дар асоси қарори суд амалӣ карда мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар бораи маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин танҳо баъд аз андешидани чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва огоҳкунии хаттии заминистифодабаранда оид ба бартараф намудани камбудиҳо дар мӯҳлати на камтар аз се моҳ муроҷиат намоянд. Бақайдгирии давлатии бегонакунии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳангоми маҷбурӣ қатъ гардидани ин ҳуқуқ дар асоси қарори суд бо ҷуброн намудани нархи бозории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин амалӣ карда мешавад.».

35. Дар моддаи 40:

- дар номи модда калимаи «Тартиби» ба калимаи «Шартҳои» иваз карда шавад;

- дар қисми якум калимаҳои «мақомоти маҳаллии заминсозӣ» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд;

- аз қисми дуюм калимаҳои «аз ҷумла хароҷоти зарурии» хориҷ карда шаванд.

36. Дар моддаи 41:

- қисми сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Бекор кардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии он барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ метавонад баъди ба заминистифодабаранда ҷудо намудани қитъаи замини баробарарзиш бо ҳуқуқи бегона намудани он ва ҷуброни товони зарарҳои дигаре, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, амалӣ карда шавад.»;

- қисми сеюм қисми чорум ҳисобида шавад.

37. Ба моддаи 45 пас аз калимаҳои «ва хоҷагии ҷангал» калимаҳои «, ба истиснои ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин бо ҳуқуқи бегона намудани онҳо» илова карда шаванд.

38. Дар моддаи 49 калимаҳои «мақомоти заминсозӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

39. Дар банди «а)» моддаи 50 калимаҳои «мақомоти заминсозӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин» иваз карда шаванд.

40. Дар сархати сеюми қисми дуюми моддаи 51 калимаи «тафтиши» ба калимаи «санҷиши» иваз карда шавад.

41. Қисми якуми моддаи 52 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Заминистифодабарандагон оид ба ҳифзи замин чорабиниҳои зеринро амалӣ менамоянд:».

42. Дар қисми якуми моддаи 55 калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти он дар маҳалҳо» ва «табиати» мувофиқан ба калимаҳои «мақоми ваколатдори батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он» ва «муҳити зисти» иваз карда шаванд.

43. Дар қисми чоруми моддаи 61 калимаҳои «мақоми давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он» иваз карда шаванд.

44. Дар моддаи 71:

- дар номи модда ва қисми якум калимаҳои «ба оилаҳо» ба калимаҳои «ба шаҳрвандон» иваз карда шаванд;

- аз қисми якум калимаҳои «моддаҳои 26 ва $26^1$» хориҷ карда шаванд;

- дар қисми чорум калимаи «оилаҳоро» ба калимаи «шаҳрвандонро» иваз карда шавад;

- ба эзоҳи модда ҷумлаи дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Барои гирифтани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, бо назардошти фонди замини мавҷуда, шаҳрвандон - роҳбарони оилаҳои нопурра, инчунин шахсони танҳои болиғе, ки дар никоҳ қарор надоранд ва дар якҷоягӣ бо хешовандонашон зиндагӣ намекунанд, ҳуқуқ доранд.».

45. Дар моддаи $71^1$

- дар номи модда калимаи «оилаҳо» ба калимаи «шаҳрвандон» иваз карда шавад;

- дар қисми чорум калимаи «Оилаҳое» ба калимаи «Шаҳрвандоне» иваз карда шавад.

46. Дар қисми сеюми моддаи 75 калимаҳои «мақоми давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он» иваз карда шаванд.

47. Дар моддаи 99 калимаҳои «ҳукумати ноҳия» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 №891**

# Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ УЗВИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 852**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 396**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2001, №7, мод.517; с.2003, №12, мод.689; с.2004, №12, қ.1, мод.698; с.2005, №7, мод.397; с.2006, №3, мод.145; с.2007, №7, мод.654; с.2011, №12, мод.831; мод.832) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми дуюми моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Тартиби пардохти суғуртапулии якдафъаинаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.».

2. Дар қисми чоруми моддаи 36 калимаи «шашмоҳаашон» ба калимаи «семоҳаашон» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 897**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 864**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 379**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №9, мод. 112; мод. 113; с. 1998, №23-24, мод. 340; с. 1999, №5, мод. 69; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 185; с. 2004, №5, мод. 337; с. 2006, №3, мод. 152; №4, мод. 195; с. 2009, №5, мод. 320; с. 2010, №7, мод. 545; мод. 549; с. 2011, №3, мод. 151; №12, мод. 842), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 113 калимаҳои «музди миёнаи меҳнати» ба калимаҳои «музди меҳнати моҳонаи» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 114 калимаи «шашмоҳа» ба калимаи «думоҳа» иваз карда шавад.

3. Аз матни моддаи 116 калимаҳои «, ҳангоми ноилоҷ ҳозир нашудан ба кор ва ғайра» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 №880**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 13 июни соли 2012 № 844**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 377**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159; №7-8, мод. 609; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №809), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 3 моддаи 79 калимаҳои «мавриде, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст» ба калимаҳои «мавридҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 185 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 1 моддаи 80 пас аз калимаҳои «Далели шайъӣ» калимаҳои «, ҳамчунин намунаҳои далелҳои шайъии дар қисми 5 моддаи 185 Кодекси мазкур пешбинишуда» илова карда шуда, калимаҳои «дошта мешавад» ба калимаҳои «дошта мешаванд» иваз карда шаванд.

3. Қисми 5 моддаи 185 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«5. Дар ҳолатҳои бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи 230 Кодекси мазкур боздошта шудани тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба миқдори калон ё махсусан калон, дар асоси қарори муфаттиш ва бо розигии прокурор, бо иштироки ҳатмии мутахассис ва шахсони холис бо татбиқи сабти видео ва аксбардорӣ аз ҳаҷми умумии далелҳои шайъӣ барои ҳамроҳ намудан ба парвандаи ҷиноятӣ намунаҳо мутаносибан ба андозаи на камтар аз ҳадди ибтидоии миқдори калон ё махсусан калони воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки дар замимаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷудо карда гирифта мешаванд. Қисми боқимондаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 878**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе 13 июни соли 2012 № 842**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 376**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989; мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321; №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод.2; мод.5; №3, мод. 153; №7, мод. 547; №12, қ. 1, мод. 812; с.2011, №6, мод. 430; мод. 431; №7-8, мод. 610; №12, мод. 838; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №806), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 1 моддаи 11 калимаҳои «баррасии» ва «дар ҳаққи» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «нисбати» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 12:

- дар қисми 1 калимаи «баррасии» ба калимаи «истеҳсолоти» иваз карда шавад;
- дар қисми 2 калимаҳои «баррасии» ва «ҳуқуқии вайронкардаи ҳуқуқи маъмурӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти» ва «ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 1 моддаи 14, қисми 1 моддаи 22, қисми 2 моддаи 31, қисми 2 моддаи 32, қисми 5 моддаи 33, қисми 2 моддаи 36, қисми 2 моддаи 51, моддаи 53, қисми 2 моддаи 746, қисмҳои 3, 4, 5 моддаи 764, қисми 3 моддаи 765, қисмҳои 1, 2, 3, 4, 5 моддаи 770, қисми 1 моддаи 771, қисми 1 моддаи 773, қисми 4 моддаи 778, қисми 2 моддаи 786, моддаи 795, қисми 1 моддаи 810, қисми 1 моддаи 813, қисми 2 моддаи 817, қисми 3 моддаи 819 ва қисми 2 моддаи 824 калимаҳои «дар ҳаққи» ба калимаи «нисбати» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 382:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «аз панҷ то даҳ» ба калимаҳои «аз се то панҷ» иваз карда шаванд;
- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз се то панҷ» ба калимаҳои «аз панҷ то даҳ» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 488:

- дар номи модда калимаҳои «яроқи оташфишон ва тирҳои он» ба калимаҳои «тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишон ва тирҳои онҳо» иваз карда шаванд;
- дар қисми 1 баъд аз калимаҳои «гирифта гаштани» калимаҳои «тапончаи пневматикӣ,» илова карда, калимаҳои «тирҳои он» ва «яроқ» мувофиқан ба калимаҳои «тирҳои онҳо» ва «онҳо» иваз карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаҳои «яроқи оташфишон ва тирҳои он» ба калимаҳои «тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишон ва тирҳои онҳо» иваз карда шаванд.

6. Дар ном ва матни моддаи 489 калимаҳои «яроқи оташфишон» ва «гузоштани он» мувофиқан ба калимаҳои «тапончаи пневматикӣ ва яроқи оташфишон» ва «гузоштани онҳо» иваз карда шаванд.

7. Ном ва диспозитсияи моддаи 490 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

**«Моддаи 490. Саркашӣ аз фурӯши тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо**

Барои саркашӣ аз фурӯши тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо аз ҷониби шаҳрвандоне, ки мақомоти ваколатдор барои онҳо иҷозатномаи нигоҳ доштани чунин яроқро бекор кардааст,-».

8. Дар моддаи 491:

- дар номи модда калимаҳои «яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ» ба калимаҳои «тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо» иваз карда шаванд;
- дар матни модда калимаҳои «бе фурӯхтани яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва лавозимоти он» ба калимаҳои «фурӯши тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо» иваз карда шаванд.

9. Дар ном ва қисми 1 моддаи 492 калимаҳои «фурӯхтани яроқи оташфишони» ба калимаҳои «фурӯши тапончаи пневматикӣ, яроқи оташфишони» иваз карда шаванд.

10. Ба санксияи моддаи 502 пас аз калимаҳои «аз бист то сӣ» калимаҳои «ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то шаст» илова карда шаванд.

11. Санксияи моддаи 503 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

12. Санксияи моддаи 505 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чил то шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

13. Дар ном ва матни моддаи 547 калимаи «номувофиқ» ба калимаи «номуносиб» иваз карда шавад.

14. Дар моддаи 548:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Бе иҷозат паҳн кардани реклама дар бораи мол ва хизматрасонӣ»;

- дар матни модда калимаҳои «молу мулк» ба калимаи «мол» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 877**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 858**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 378**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 1999 «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №11, мод. 275; с. 2005, №3, мод. 116; с. 2007, №5, мод. 355; с. 2008, №10, мод. 802) моддаҳои $17^1$ ва $17^2$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

**«Моддаи $17^1$. Рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд**

Рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотро (филиал ва (ё) намояндагии онро) ташкилоти террористӣ эътироф менамояд. Шахсони воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд террорист эътироф карда мешаванд. Нусхаи қарорҳои зикргардида барои дохил намудани шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд.

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд шахсони воқеӣ ва ташкилотҳоеро, ки мутобиқи қатъномаи Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва (ё) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон террорист ё ташкилоти террористӣ эътироф шудаанд, дохил менамояд.

Нусха аз рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маълумоти зарурӣ дар бораи ин шахсон фавран ба субъектҳои бевосита бар зидди терроризм муборизабаранда ва ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм барои иҷрои чорабиниҳои муқовимат бо терроризм ва андешидани чораҳо оид ба манъ намудани воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони мазкур фиристода мешавад.

Хориҷ намудан аз рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд бо тартиби муқаррарнамудаи қисмҳои дуюм, сеюм ва чоруми моддаи мазкур амалӣ карда мешавад.

**Моддаи $17^2$. Манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони бо терроризм алоқаманд**

Воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда мешаванд.

Мусодираи воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои бо терроризм алоқаманд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ҳуқуқ доранд аз рӯйи қарорҳо оид ба террорист ё ташкилоти террористӣ эътироф намудани онҳо ва оид ба манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва молу мулки дигарашон бо тартиби судӣ шикоят намоянд, ҳамчунин аз ҳисоби воситаҳои молиявии манъкардашуда, то мусодира гардидани онҳо, оид ба пардохти хароҷоти хизматрасониҳои тиббиву иҷтимоӣ ва таъмини моддию маишии аҳли оила муроҷиат намоянд.

Бекор намудани манъи воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои бо терроризм алоқаманд, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 879**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 866**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №380**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ.2, мод.703; мод.704; с.2006, №3, мод.159; с.2007, №7, мод.681; с.2008, №6, мод.459; №10, мод.818; с.2011, №3, мод.160; №6, мод.458; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №800), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 343 хориҷ карда шавад.
2. Моддаи 344 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 344. Намудҳои хоси боҷҳо**

Боҷҳои хоси гумрукӣ (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ) нисбат ба молҳои воридотӣ метавонанд муваққатан мувофиқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда шаванд.».

3. Дар қисми 3 моддаи 496 рақамҳои «180», «36» ва «12» мувофиқан ба рақамҳои «8», «6» ва «5» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 881**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 880**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 384**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2005, №3, мод.130; с.2006, №3, мод. 150; с.2008, №6, мод. 449; №10, мод.799) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 12 калимаи «ду» ба калимаи «як» иваз карда шуда, калимаҳои «, як маош (таъминоти пулӣ) ба ҳамсари ӯ» хориҷ карда шаванд.
2. Дар моддаи 16:

- дар сархати якуми қисми 2 рақам ва калимаҳои «80 музди маоши» ба рақам ва калимаҳои «8 маоши таъминоти пулии» иваз карда шаванд;
- дар сархати дуюми қисми 2 рақами «80» ба рақами «8» иваз карда шавад;
- дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 3 рақами «40» ба рақами «6» иваз карда шавад;
- дар қисми 4 калимаи «адои» ба калимаи «иҷрои» ва дар сархатҳои якум ва дуюм рақами «12» ба рақами «5» иваз карда шаванд.

3. Сархатҳои банди якуми қисми 3 моддаи 21 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- то 5 сол ба андозаи 1 маоши таъминоти пулӣ;
- аз 5 то 10 сол ба андозаи 2 маоши таъминоти пулӣ;
- аз 10 то 20 сол ба андозаи 3 маоши таъминоти пулӣ;
- зиёда аз 20 сол ба андозаи 4 маоши таъминоти пулӣ.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 885**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 870**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 392**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997 «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №23-24, мод. 350; с. 2003, № 8, мод. 458; с. 2006, №4, мод. 200; с. 2007, №3, мод. 177; № 7, мод. 694; с.2008, №10, мод. 821; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели с. 2012, №824) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми дуюми моддаи 12 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ба андозаи зайл пардохт карда мешавад:

100 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандон ҳангоми бардоштани осеби меҳнатӣ ё бемориҳои касбӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба кормандоне, ки аз минтақаи олудаи радиоактивӣ дар натиҷаи садамаи Чернобил ва минтақаҳои ба онҳо баробаркардашудаи офатҳои табиӣ ҳангоми гирифтор шудан ба бемориҳои узвҳои ҳосилкунандаи хун (лейкози шадид), ғадуди сипаршакл (аденома, саратон), варамҳои хатарнок кӯчонида шудаанд.

70 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи ҳаштсола ва беш аз он доранд;
- ба кормандоне, ки таҳти сарпарастии худ се ва ё бештар фарзандони то 16-сола (ё хонандагони то 20-сола) доранд;
- ба кормандони ятим, ки ба синни 23 нарасидаанд.

60 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи то ҳаштсола доранд.».

2. Ба ном ва қисми дуюми моддаи 16 пас аз калимаи «дафн» ва ба қисми якуми ҳамин модда баъд аз калимаҳои «(кӯмакпулии маросимӣ)» калимаҳои «ба аъзои оилаи камбизоат» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 893**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МИЛИТСИЯ»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 №878**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №383**

**Моддаи 1**. Ба моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи милитсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №5, мод. 352; с. 2006, №3, мод. 148; с.2007, №7, мод. 663; с.2008, №6, мод. 450; с.2009, №12, мод. 820; с.2011, №3, мод.156; №6, мод. 438; №12, мод. 835; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №801) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми дуюм рақами «80» ба рақами «8» иваз карда шавад;
- дар қисми сеюм рақами «40» ба рақами «6» иваз карда шавад;
- дар қисми чорум рақами «12» ба рақами «5» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 №884**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 876**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 382**

**Моддаи 1**. Ба моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004 «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №7, мод. 458; с.2006, №3, мод. 149; с.2007, №7, мод. 662; с.2008, №6, мод. 451; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №803) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми дуюм рақами «80» ба рақами «8» иваз карда шавад;
- дар қисми сеюм рақамҳои «40» ва «12» мутобиқан ба рақамҳои «6» ва «5» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 883**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 862**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 387**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 2, мод. 15) пас аз калимаҳои «ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ)» калимаҳои «, кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 888**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ»

### Қарори

#### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 868**

### Қарори

#### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №381**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи ҳифзи меҳнат» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 324) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- дар қисми 1 калимаҳои «даромади миёнаи солонаи» ба калимаҳои «музди меҳнати панҷмоҳаи» иваз карда шаванд;
- дар қисми 2 калимаҳои «даҳ маоши миёнаи солонаи» ба калимаҳои «музди меҳнати ҳаштмоҳаи» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 882**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАҲОДИҲИИ МУТОБИҚАТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 886**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 388**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2011 «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод. 613) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 3 моддаи 20 пас аз калимаи «аккредитатсияшуда» калимаҳои «ва ё ташкилоти дигари аккредитатсияшуда» илова карда шаванд.

2. Аз қисми 1 моддаи 29 калимаҳои «танҳо баъд аз амалӣ намудани корҳои сертификатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2014 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 889**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 13 июни соли 2012 № 838**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 398**

**Моддаи 1.** Ба қисми 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №7-8, мод. 503; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №827) пас аз калимаи «бошад» калимаҳои «ва забони давлатиро донад» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 899**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НАФАҚАҲОИ СУҒУРТАВӢ ВА ДАВЛАТӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 872**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 393**

**Моддаи 1.** Дар қисми 7 моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010 «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №1, мод.19; с. 2011, №3, мод. 175) калимаҳои «60 фоизи ҳадди ақали музди меҳнат» ба калимаҳои «якуним нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 894**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 №874**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №399**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.166, №6, мод.429; с.2010, №3, мод.158; с.2011, №6, мод.452) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 5 моддаи 34 калимаи «дувоздаҳ» ба калимаи «панҷ» иваз карда шавад.

2. Дар қисми 3 моддаи 41 баъд аз калимаҳои «хизмати давлатӣ» калимаҳои «ё ҳангоми маъюбӣ» илова карда, калимаи «даҳмоҳа» ба калимаи «семоҳа» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 900**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РАЗВЕДКАИ ҲАРБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 июни соли 2012 № 882**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад ва ҳамзамон Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният якҷоя бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мукаммалгардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таклиф пешниҳод намояд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 № 385**

**Моддаи 1.** Моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2002, №11, мод.717) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 22. Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти разведкаи ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо**

Ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти разведкаи ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» муқаррар менамояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 886**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СОЗИШНОМАҲО ОИД БА ТАҚСИМИ МАҲСУЛОТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 13 июни соли 2012 № 848**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 19 июли соли 2012 №386**

**Моддаи 1.** Сархатҳои дуюм ва сеюми банди дуюми қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.171; с.2008, №6, мод.458) дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

« - ҷалб кардани кормандон–шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ барои иҷрои корҳо тибқи созишнома.».

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 1 августи соли 2012 № 887**

# Шири модар – ғизои беҳтарини кӯдак

Бахшида ба 10- солагии Стратегияи глобалии ғизодиҳии навзодон ва кӯдакони хурдсол ва 20- солагии Ҳафтаи умумиҷаҳонии кӯмак ва дастгирии синамаконӣ аз 1 то 10 августи соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ таҳти шиори «Таҷрибаи гузашта – нақшаи оянда» даҳаи ҷашнгирии кӯмак ва дастгирии синамаконӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Бахшида ба ин чорабинии муҳим дар Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардори Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Раҳматуллоев нишасти матбуотӣ доир гардид.

Тавре дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, Стратегияи глобалии ғизодиҳии навзодон ва кӯдакони ҳурдсол, ки даҳ сол пеш аз тарафи ТУТ ва ЮНИСЕФ таҳия шуда буд, ба ғизодиҳӣ, вазъи ғизойӣ, инкишоф, рушд, саломатӣ ва зиндамонии навзодон ва кӯдакони хурдсол таваҷҷуҳи хоса медиҳад. ЮНИСЕФ дар раванди сазовор гардидани таваллудхонаҳо ба Шаҳодатномаи умумиҷаҳонии «Муносибати некбинона нисбати атфол» Вазорати тандурустиро дастгирӣ намуда истодааст.

Шири модар ғизои беҳтарин барои кӯдак дар моҳҳои аввали ҳаёт ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, ҳанӯз соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон» қабул шудааст. Дар таркиби шири модар тамоми моддаҳои зарурӣ, махсусан омилҳои муҳофизатӣ мавҷуданд, ки кӯдакро аз ҳар гуна бемориҳои сироятии шадиди роҳҳои нафас ва меъдаю рӯда муҳофизат менамоянд. Дар ҷараёни синамаконӣ байни модару кӯдак алоқамандии хоси бемисл пайдо мешавад. Маҳрум намудани кӯдак аз шири модар, бахусус аз синамаконии холис дар шаш моҳи аввали ҳаёт, ба беморшавию фавти кӯдакони ширмак мусоидат мекунад ва ба ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ояндаи кӯдак, аз қабили омӯзиш дар мактаб, қобилияти корӣ, рушди ақлонӣ ва ҷисмонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдаконе, ки танҳо шири модар истеъмол мекунанд, 2,5 маротиба камтар ба бемориҳо дучор мешаванд ва 25 маротиба камтар бо сабаби дарунравӣ дар шаш моҳи аввали ҳаёташон, дар муқоиса бо кӯдакони истеъмолкунандаи дигар намуди шир, мефавтанд. Ҳарчанд дар шашмоҳагӣ ба кӯдак ғизо ва нӯшокиҳои иловагӣ низ зарур аст, давом додани синамаконӣ то дусолагӣ ҳатмист.

*Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»*

# СОДИРОТ МЕАФЗОЯД

Кишоварзон ва соҳибкорони ноҳияи Қумсангир соли ҷорӣ парвариши сабзавот, пиёз ва мевагиҳоро беҳтар ба роҳ монда, маҳсулоти дилхоҳ ба даст оварданд. Таҷриба ва самараи меҳнати ҳалолашон аст, ки онҳо аз маҳсули дастранҷи худ фоидаи хуб ба даст оварда, дараҷаи зисту зиндагиашонро беҳтар мегардонанд. Аз ҳосили баланди бадастовардаашон кишоварзон ба Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ аллакай беш аз 14 ҳазор тонна пиёз содирот намуданд. Тарбузу харбузаи деҳқонони ноҳияи Қумсангир дар бозорҳои кишвар ва хориҷ аз он харидорони зиёд доранд. Қобили зикр аст, ки кишоварзон ва соҳибкорони ноҳия супориши содироти маҳсулоти кишоварзиро то имрӯз чор баробар зиёд таъмин намуданд.

*Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»*

# Таъсиси клуби шоҳмотбозони наврас

Яке аз шоҳмотбозони моҳир, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мунъим Абдусамадов дар зодгоҳи хеш- ноҳияи Ғонҷӣ Ташкилоти ҷамъиятии клуби шоҳмотбозони навраси «Манучеҳру Рустам»- ро таъсис додааст. Дар ин ҷо мутахассиси махсуси соҳаи таълими шоҳмот ба наврасон ба тариқи ройгон асрори ин бозии классикиро меомӯзонад.

Мунъим Абдусамадов ният дорад, ки бахшида ба ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70- солагии яке аз асосгузорони мактаби шоҳмот дар ноҳияи Ғонҷӣ Яҳё Мирфозилов мусобиқаи ҷумҳуриявии шоҳмотбозони наврасро дар ноҳия ташкил кунад.

-Ин амали хайри Мунъим Абдусамадовро раиси ноҳияи Ғонҷӣ Зуфар Исмоилов, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳияи Ғонҷӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, аҳли ҷамоатчигии ноҳия гарму ҷӯшон истиқбол намуданд,- мегӯяд яке аз дӯстдорони бозии шоҳмот- шоир Сироҷиддин Осимӣ.

-Аслан шоҳмоту шоҳмотбозӣ дар ноҳияи мо падидаи нав нест,- илова мекунад ӯ ва меафзояд: - Солҳои пеш дастаи шоҳмотбозони ноҳияи Ғонҷӣ дар мусобиқаҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ борҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, диплому мукофотҳо ба даст оварда буданд. Шоҳмотбозон Яҳё Мирфозилов (шодравон), Неъмат Усмонов, Мунъим Абдусамадов ва боз чанд тани дигар, ки дар замони худ ҳамчун шоҳмотбоз ангуштнамо буданд, вазифаҳои баланди давлатию ҷамъиятӣ низ доштанд. Маснади баланд барояшон дар бозии шоҳмот ва иштирок дар мусобиқаҳо халал намерасонд, балки ибрати дигарон мешуд. Масалан, сокини ин ноҳия Яҳё Мирфозилов вазифаи раиси шаҳрҳои Нораку Роғун ва вазифаҳои дигари баланди соҳаи барқи тоҷикро ба ӯҳда дошт.

-Ин анъана имрӯз ҳам дар чойхонаи «Файзобод» идома дорад,- мегӯяд Сироҷиддин Осимӣ, - зеро он ситоди амалии шоҳмотбозони ноҳия маҳсуб мегардад. Дар ин ҷо анъанаҳои шоҳмотбозони деринро шогирдони онҳо- шоир Ҳайрон Осимӣ, муҳандис Мисриддин Ҷаъфаров, директори заводи хишти ноҳияи Шаҳристон Собир Назаров, усто Шодибой Ҷумъаев, ронанда Мазбут Бобокалонов ва дигарон идома дода истодаанд.

Агар таваҷҷуҳи сохторҳои дахлдор ҷиҳати пешрафти ин бахши варзиш беҳтару бештар ҷалб карда мешуд, аз манфиат холӣ намебуд,- суханонашро ҷамъбаст мекунад Сироҷиддин Осимӣ.

*Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»*

● Аз некон боғ

# Боғе, ки дарахтонаш «Лоиқдон» аст

-Боғу токзоре, ки сокини ин деҳот Ҳотамбой Ҷумъаев бунёд кардааст, оддӣ нест. Боғест, ки дар он ҳар дарахти бовараш ба шарафи шахсияте номгузорӣ шуда, анвои беҳтарини меваҷоти хушзоту лазизи шаҳри Истаравшан парвариш меёбанд. Агар мисли Ҳотамбой ҳар фарди солимақли кишвар чунин боғе бунёд намояд, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат, ки яке аз ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон аст, пурраю барзиёд иҷро мешавад,- гуфт дар сухани шодбошии хеш раиси шаҳри Истаравшан, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳим Абдуллоев.

Ин боғи сарсабзу хуррамро ҷӯйи об аз ҳам ҷудо мекунад. Як тараф себзори иборат аз беҳтарин анвои ин дарахт, ба монанди «Ҳусни Юсуф», «Самаренко», «Панҷ ситора» ва ғайра буда, дар қисмати муқобил навъҳои ангурҳои беҳтарин, аз қабили «Ҳусайнӣ», «Тоифӣ», «Чиллагӣ» ғарқи ҳосил мебошанд.

Ба гуфти соҳиби боғ, дар он зиёда аз сад навъи дарахтон, бар замми себҳои беҳтарин, ноку олу, гелосу шафтолу ва ғайра нашъунамо доранд. Боғбони хушсалиқа зери дарахтон ҷӯяк кашида, помидор, бодиринг, булғорию наҳуд барин анвои зироат кишт кардааст. Маълум ки ин ҷо ҳар ваҷаб замин мақсаднок истифода мешавад.

Аҷобати боғ дар он аст, ки бо хости дили соҳибаш як дарахти боровар ба номи шоири шаҳири зиндаёд Лоиқ Шералӣ ва панҷ дарахти дигар ба ёди ҳамяроқони дар Афғонистон шаҳидгаштаи соҳиби боғ Ҳотамбой Ҷумъаев номгузорӣ шудаанд.

Деҳоти Гули сурх аз калонтарин деҳоти шаҳри Истаравшан маҳсуб гардида, зиёда аз 30000 нафар аҳолӣ дорад. Бино ба гуфтаи раиси ин Ҷамоати деҳот Шариф Гадойбоев, дар қаламрави деҳот 42 нафар ҷанговарони интернатсионалист, шаш нафар иштирокдорони бартарафсозии садамаи Чернобил ва шаш нафар муҳофизони сохти конститутсионӣ кору зиндагӣ мекунанд.

- Ягон чорабинии 11 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, тадбирҳои фарҳангии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва худи ҷамоатамон низ бе иштироки онҳо намегузарад, - мегӯяд Шариф Гадойбоев. - Хусусан мулоқоту вохӯриҳои онҳо бо хонандагон, нақлу қиссаҳояшон дар бораи кишвари ҳамсоя барои тарбияи ватандӯстӣ, ҳифзи меҳан ва меҳнаткаринии хонандагон ёрии калон мерасонанд. Ҳотамбою ҳамяроқонаш ёрдамчӣ ва тарғибгари асосии мо дар ҷалби наваскарон ба хизмати ҳарбӣ мебошанд. Аз тарафи дигар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ин табақаро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ менамояд. Барояшон барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ ва сохтмони хонаҳои истиқоматӣ қитъаҳои замин ҷудо кардааст.

Ман ҷилави сӯҳбатро ба таъсиси боғи Ҳотамбой роҳнамун месозам.

-Даҳ сол пеш Ҳотамбой бо ариза ба мо муроҷиат кард дар бобати ҷудо кардани қитъаи замин барои бунёди боғ, – мегӯяд раиси Ҷамоати деҳот Шариф Гадойбоев. - Мо аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи деҳаи Бафоӣ 20,21 гектар замин ҷудо кардем. Замин санглох, ноҳамвор ва беоб буд. Ҳотамбой ҳамроҳи падари 78-солаааш амаки Рӯзибой ва наздикон заминро тахту ҳамвор ва аз сангу кулӯх тоза карда, ба он хати об кашид. Ҳоло боғ ба биҳишти рӯйизаминӣ мубаддал шудаасту аз ҳосили дастранҷи заҳмати ин оила се-чор сол боз мардуми деҳа бархурдор мебошанд.

Аҷиб он аст, ки дар ҳамсоягии қитъаи Ҳотамбой касони дигар низ замин доранд, вале дуруст меҳнат, ки намекунанд, натиҷааш хуб нест,- шарҳ медиҳад Шариф Гадойбоев.

Дар саргаҳи боғ, лаби ҷӯйи дароз шаш тана дарахти аллакай тануманди себ дар гарданаҳои худ овезаҳо доштанд. Дар овезаҳо сурат, ҳолнома ва ному насаби соҳибонашон бо хатҳои калони хоно навишта шудаанд. Ман аз як тараф номҳоро мехонам:

-Павленко Сергей, украин;

-Аъзамҷон, тоҷик, аз шаҳри Душанбе;

-Салимбой, тоҷик, аз шаҳри Бухоро;

-Бозорбек, тоҷик, аз шаҳри Бухоро;

-Раҳматуллоев Даврон, тоҷик, аз деҳаи Сари Мазори шаҳри Истаравшан.

-Чаро се нафар насаб надоранд? –мепурсам ман.

- 17-18 сола бача будем. Ҳама ҳамдигарро бо ном садо мекардем. Аз ин рӯ, насабҳояшон дар ёдам намондааст,-хиҷолат кашидагӣ барин посух медиҳад Ҳотамбой. -Ҳамаи онҳо мисли ман ронанда буданд. Солҳои 1981-1983 дар Афғонистон дар як қисми ҳарбӣ хизмат кардем. Ман зинда ба Ватан баргаштаму вале ин панҷ нафар ҷони ширини худро аз даст доданд. Ҳама ҷавононе буданд, ба қавли мардум «Аз сад гулашон якеаш ҳам нашукуфта». Дар дил ҳазорон орзую ормон доштанд. Афсӯс, ки ҳамаашро бо худ бурданд. Онҳо, ки наздиктарин дӯстони ман буданд, барои зинда кардани номашон ин дарахтонро номгузорӣ кардам. То он даме, ки ин дарахтон мавҷуданд, ёдашон зинда мемонад. Ба фарзандону наберахоям ҳамеша таъкид мекунам, ки то ҳастанд номи ин ҷавонмардонро зинда доранд, - мегӯяд Ҳотамбой.

Дар танаи дарахти шашумин сурати калони устод Лоиқ бо насби ному насабаш ва як пора аз ашъораш овехта шудааст.

-Ин дарахтро ба ёди устоди бузургвор Лоиқи Шералӣ номгузорӣ кардаам. Вақте ки номгузорӣ кардам, намедонистам, ки ин ниҳол кадом навъи себ аст. Бинед, ки зоти он «Ҳусни Юсуф» баромад, ки беҳтарин навъи себ дар Истаравшан ба шумор рафта, аз зоти себҳои хубонӣ мебошад. Агар мо адабиётамонро ба боғи бузурге шабоҳат диҳем, устод Лоиқ дар байни дарахтони сермеваи он дар ҳақиқат себи «Ҳусни Юсуф»-ро мемонанд. Ман шайдои ашъори устод Лоиқ мебошам. Як бевақтии шаб боғро об монда, дар ҳамон ҷо хобам бурдааст. Дар хоб устод Лоиқро дидам. Бедор шудам соат 01[47]дақиқа. Рӯзи дигараш ҳамин дарахтро ба номи устод гузоштам.

Ба сӯҳбати мо сарвари бахши истаравшании Иттифоқи собиқадорони муҳорибаҳои Афғонистон дар Тоҷикистон полковники мустаъфӣ Мирзо Олимов ҳамроҳ мешавад:

-Дар деҳоти мо аъзои оилаи бобои Рӯзибойро ҳамчун дӯстдорони шеър мешиносанд, хоса ошиқони ашъори устод Лоиқ Шералӣ.

Ман таваҷҷуҳ мекунам: бобои Рӯзибой ба сӯҳбати мо бомароқ гӯш меандозад.

-Амак, писаратонро Лоиқхон кардагӣ кист?

-Мо ҳама ронандаи оддӣ. Ман зиёда аз 40 сол дар хоҷагии собиқ «Роҳи Ленин» ронандагӣ кардаам. Писарам Ҳотамбой низ касби маро пеша кард. Акнун писари ӯ Муродҷон низ ронанда мебошад, вале ҳама шеър мехонанду шеър аз ёд медонанд. Ҳамсари ман Мусаллама тамоми умр пиллапарвар буд. Ӯ ҳамсоли устод Лоиқ аст. Аз бачагӣ дойра зада, шеър мехонд. Махсусан ба шеърҳои Лоиқ Шералӣ ишқу ҳаваси калон дошт. Дар натиҷа, ҳамаи фарзандонамон шеърхону Лоиқхон шуданд. Акнун набераҳоямон ҳам Лоиқро мехонанд, -бо хушиву ифтихор ҷавоб медиҳад бобои Рӯзибой.

-Ба шарофати касби падар бо мошин тамоми шаҳрҳои Афғонистон, ба монанди Кобул, Қундуз, Пули Хумрӣ, Ҳайратон, Мазори Шариф ва ғайраро гаштам.

-Аз ашъори устод Лоиқ тахминан чанд шеър медонед? -мепурсам ман.

-Зиёда аз 100 ғазал. Оё бовар мекунед, ки ман ҳини хишоваи сабзавоти зери дарахтон, обмонӣ ё ҳосилчинӣ ба ҳар як дарахтам ва ба ҳар як бех токҳои ангурам борҳо ғазалҳои устод Лоиқро аз ёд хондаам, аз ин рӯ ҳар як ниҳолу навдаи дарахтони ин боғ шеърдонанд, - шӯхиомез мегӯяд Ҳотамбой.

-Оё боре ҳам бо устод Лоиқ вохӯрдаед?

-Бале, борҳо. Вақте ки аз шаҳри мо номзадии он касро ба депутатӣ пешбарӣ карданд, дар ҳама вохӯриҳояшон ман иштирок доштам. Охир, тоқат накарда, ба наздашон рафтам ва худро ҳамчун мухлиси ашаддияшон муаррифӣ намудам. Хурсанд шуда, дасти дуо кушоданд: -Муваффақ бош, Ҳотамбой. Шеъри Аҷамро зинда дор!

Дар хона ҳамаамон ошиқи ашъори устод Лоиқем. Духтарчаам Руқия, ки ҳоло дар синфи 11-ум мехонад, порсол дар озмуни Лоиқхонии шаҳр ҷойи аввалро ишғол кард. Писарам Муродҷон ҳам шеъри бисёр медонад.

-Мақсад аз номгузории дарахтон ба номи қаҳрамонон аз чӣ иборат аст?

Ҳотамбой лаҳзае ба андеша рафта, сипас гуфт:

-Пас аз падари бузургвору волидаи азиз ва аҳли оилаам азизтарин чиз барои ман боғам аст. Дар он ман заҳмати даҳсола кашидаам ба ҳамин умед, ки боровару баманфиат шавад. Он азизоне, ки ба номашон дарахтон номгузорӣ шудааст, ҳама хидматгузори халқ буданд. Бубинед, ки устоди шодравон Лоиқи Шералӣ ҳанӯз дар 18-солагиаш чӣ шеъре гуфтааст:

*Гар ту хоҳӣ зинда бошӣ*
*солҳои бешумор,*
*Умр бинӣ ҷовидонӣ то*
*ҷаҳон дорад бақо.*
*Аз таҳи дил хидмати*
*халқу диёри хеш кун,*
*Сабт кун номат ба қалби*
*мардумони бовафо.*

Аз ин рӯ, халқ мегӯяд, ки «Аз некон боғ мемонад». Ман дуо мекунам, ки ин боғ ҳам то он даме ки ҳаст, аз ин мардони шариф нишона бошад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

## Сайри асри санг

Шукнов мавзеи зеботабиату таърихӣ буда, дар қисми офтоббарои ноҳияи Ховалинг ва саргаҳи Хатлонзамин воқеъ аст. Ховалинг дар саросари Осиёи Марказӣ қадимтарин гӯша буда, таърихи беш аз миллионсоларо дар оғӯш мегирад ва дар ин мавзеи нотакрор, албатта, солҳои пеш инсон зиндагӣ мекардаанд. Дар ҳудуди Ховалинг ёдгориҳои замонҳои палеолити поён, миёна ва болоӣ хеле зиёд буда, мероси одамони асри санг фаровон ба дасти илми ҷаҳонӣ расидааст. Дар ин миён ёдгориҳои замони палеолити боло, ки ҳангоми ҳафриётҳо аз мавзеи Ёхсу –Шукнови имрӯза ба даст омадаанд, мавқеи махсус доранд.

Ишора намудан кофист, ки ҷустуҷӯй, ҳафриёт ва таҳқиқотҳо оид ба замони палеолити болои асри санг дар ин ҳудуд аз соли 1968 бо роҳбарии бостоншинос В.А.Ранов оғоз ёфта, истиқоматгоҳҳои зиёди одамони асри санг кашф шудаанд. воқеанду ба ҳазорсолаи якуми то замони мо мутааликанд, қимати махсуси таърихӣ доранд.

Дар ин ҳудуд, ба ҷуз ёдгориҳои таърихӣ, ёдгориҳои табиии нодир низ хеле зиёданд, ки омӯзишу таҳқиқоти онҳо муфид буда, қимати хосаи илмию маънавӣ доранд. Ёдгориҳои таърихии мавзеи Ёхсуи қадим – Шукнови имрӯза аз он башорат медиҳанд, ки дар ин гӯшаи боғановат аз асри санг- давраи палеолит то замони мо инсон зиндагӣ карда, аз худ нишонаҳои ҳаётӣ боқӣ мондааст.

Ёдгориҳои табиӣ низ асрори муҳим доранд…



# ХОВАЛИНГ: КАРДАМ САФАРИ ШУКНОВ...



Аз ҷумла бошишгоҳе, ки аз сатҳи баҳр дар баландии 2000 метр воқеъ гардидааст, дар илм мавқеи махсус дошта, ёдгориҳои зиёдеро дар оғӯши худ маҳфуз дорад ва 4700 адади онҳо мавриди омӯзишу тадқиқот қарор гирифтаанд, ки умри онҳо то 35-10 ҳазор сол ва аз ин пешро дар бар мегиранд (А.А.Ранов, Г.Р.Каримова «Каменний век». Афгано-таджикской депрессии, Душанбе, «Деваштич», 2005, саҳ. 68-71).

Ин бошишгоҳ, ки дар ҳудуди Сафеддара воқеъ аст, яке аз ёдгориҳои палеолитии олам ба ҳисоб меравад.

Ғайр аз ин, дар ин ҳудуд нишонаҳои замонҳои мезолиту неолит ва дигар давраҳои таърихӣ мавҷуд буда, онҳо аз зиндагии инсони қадим дарак медиҳанд. Хусусан, расмҳои дар болои сангҳо кашидаву ҳаккокишудаи (петроглафҳои) мавзеи Даштакои назди деҳаи Шукнов, ки дар баландии 3500 метр аз сатҳи баҳр

### Ёхсу – Оксос

Мавзеи Шукнови имрӯза дар гузашта, то даврони Ҳукумати Шӯравӣ, ба номи Ёхсу шӯҳратманд буд, аммо дар гузаштаҳои дур, бахусус асрҳои IX-XII ва аз ин пеш, бо номҳои Ахшу, Охшу, Бахшу, Вахшу ёд шуда, дар забони юнонӣ бо номҳои Окс ва Оксос машҳурӣ дошт. Ҳатто ривоятҳо башорат медиҳанд, ки номи ҳокими Ҳатф Вахшварти (Окспарти) хатлонӣ –падари Рухшона (Рӯшанак, Раксана) ба ҳамин номи қадимаи ин мавзеи таърихӣ алоқаманд аст. Ҳамон Вахшварти (Окспарти), ки якҷоя бо Спитамен, Катан ва Бесс ба муқобили Искандари Макдунӣ ҷангидааст…

Ин мавзеъ асрҳои зиёд бо номҳои зикршуда, бахусус бо номи Ёхсу ёд мешуд ва имрӯз ҳам ёд мешавад. Ғайр аз ин, ин мавзеъ ва дарёи ҳамноми онро Яхсу низ мегӯянд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Ахшу, Охшу, Бахшу ва Вахшу номи фаришта аст. Бо вуҷуди он ки дар қисми шарқии ин гӯшаи таърихӣ кӯҳҳое бо номи Кӯҳи Яхак ва Кӯҳи Қасак (ва ё Хасак) воқеъ мебошанд, кӯҳи Яхак асрори мафҳумро дар худ нигоҳ медорад ва шояд Яхсу ба номи ин кӯҳ низ алоқамандӣ дошта, яъне Яхсу ифодаи «сӯйи (тарафи) ях» бошад.

Асрҳои зиёд маркази мавзеи Ёхсуи Ховалинг деҳаи Сари Пул буда, дар ин ҷо қалъагаҳӣ ва дигар ёдгориҳои қадима зери хок маҳфуз мебошанд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ ҳудуди Ёхсу ба деҳотҳои Шукнов, Даҳагӣ ва Сангдара ҷудо шуда, ободиҳо дошт. Баъди солҳои 50-уми қарни қаблӣ номи мавзеъ аз Ёхсу ба Шукнов иваз шуда, бо ҳамин ном як деҳот аст…

Шукнов номи деҳаест воқеъ дар ин мавзеъ. Мардуми маҳаллии ин мавзеъ қуми тиллодорро «шук» гуфта, «нов»-ро хами новамонанд дар назар доранд. Яъне, Шукнов маънои хами новамонанди қуми зардорро дорост…

### Ёхсу (ва ё Яхсу) –дарё

Ёхсу, ки дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои IX-XII ва аз ин пеш бо номи Ахшу, Бахшу, Охшу ва Вахшу ёд шудааст, як шохоби дарёи Сурхоб буда, масоҳати ҳавзааш 270 км² ва тӯлаш 160 километрро ташкил медиҳад. Оби Ёхсуро асосан чашмаобҳо ташкил дода, ин дарё аз нишебиҳои шимолу ғарбии қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ- аз ҳудуди Мунҷакиён сарчашма гирифта, дар ҷанубу ғарбии ноҳияи Восеъ ба дарёи Сурхоб мерезад.

Манбаи асосии ин дарё чашмаобҳо буда, дар фаслҳои баҳору зимистон барфу борон аст. Шохобҳои асосии ин дарёро рудҳои Сияҳоб (Кӯлобдарё) ва оби сурх ташкил медиҳанд. Дар ҷойҳои мувофиқи дарёи Ёхсу дар қарнҳои қаблӣ садҳо осиёбу обҷувоз дар хизмат буд. Инчунин ин дарёи кӯҳӣ манбаи моҳипарварӣ ва шикорӣ моҳӣ низ ҳисоб меёфт.

### Ёхсу ва ёхсучиён

Мавзеи зеботабиату таърихии Ёхсу-Шукнови имрӯза махзани фарҳангу ҳунар, таърихи дариугуфтор, сарзамини заррину кони зар мебошад. Дар ин ҷо бисёр нишонаҳои давраҳои таърихии ҳаёти инсон, сарсабзию табиати рангин ва ганҷҳои зиёде мавҷуданд.

Аз нишебии на чандон дарози пуштаи Алақосим рӯболо раҳсипор шавед, роҳ чандин бор аз болои дарёи морпечи Ёхсу гузашта, касро ба саргаҳи ин мавзеъ- деҳаи собиқи Талбар мебарад. Мо гоҳ саворaю гоҳе пиёда рӯзи дуввум ба ин деҳи қадима расидем. Мавзеи аҷоиб. Кас пас аз тамошо ва дар тарозуи ақл баркашидани гузаштаи дуру наздики ин гӯшаи бостонӣ ба гирдоби андеша ғарқ мешавад…

Мо дар Самарқанд бо даҳбедиён, бахусус мӯйсафедони даҳбедӣ, мусоҳиб шуда будем. Онҳо худро Ёхсучӣ ва аксари мардуми Даҳбеди Самарқандро низ аз Даҳбеди Ёхсу омада муаррифӣ мекарданд.

Қисман мардуми вилояти Хатлон ва шахсоне, ки аз Ёхсу ё Ховалинг ба дигар ноҳияҳо кӯчиданд, ниёгони худро аз Ёхсу медонанд ва баъзан мегӯянд, ки бобою бобокалонҳои мо аз Даҳбеди Самарқанд ба Ёхсу омадаанд.

Қад- қади Ёхсу аз замонҳои қадим то солҳои муҳоҷиркунӣ, солҳои 50-уми асри гузашта хеле ободу серодам буд ва ба чаҳордаҳ дара тақсим мешуд: Девлох, Румидара, Хуҷунак, Дузахдара, Сурхандара, дараи Сов, дараи Сомна, Пулдара, Хокдара, Питовду, Кодара, Ёкунҷ, Талбар ва Сангдара.

То солҳои ишорашуда дар ин мавзеъ бештар аз 250 деҳа вуҷуд дошт, ки алҳол аз аксари он танҳо ном ва таҳҷо бо дарахтон боқист.

Ҳар як деҳи кунунию ҷойи деҳаҳои собиқро аз назар мегузаронему таърихи онҳо ва дигар деҳаҳои ҳудуди ноҳияи Ховалинг пеши назар меояд.

Боиси тазаккур аст, ки дар ҳудуди Ховалинг як қатор номҳои таърихӣ такрор меёбанд. Аз ҷумла Калотак, Қоқобод, Таитуто, Порвор, Оҳангарон, Сурхдара, Руи об, Сари ҷар (ду деҳа), Боғча, Дашти Халун, Чанор, Дараи Мурғон, Панҷёрон, Буқахурон, Сияҳҷангал, Мазориён, Пуштаи Бедо, Чуқурак (чор деҳа), Барахой, Шлхинг, Сари санг, Сафедара ва ғайра…

Дар ҳудуди Ховалинг бузургворони зиёде хуфтаанд. Онҳо умри пурасрору таърихи аҷибе доранд. Мардуми ин гӯшаи диёр маркади онҳоро зиёрату нигоҳубин мекунанд. Дар ин ҷо қисме аз он бузургворҳоро ном меоварем: Ҳазрати Авлиёи Зелолак, Ҳазрати Хоҷаи Сабзпӯш, Ҳазрати Хоҷаи Душанбегиён, Ҳазрати Хоҷаи Гулрез, Ҳазрати Хоҷаи Муродбахш, Ҳазрати Хоҷаи Равшан, Ҳазрати Хоҷаи Дод, Ҳазрати Шоҳи Абдол ва дигарҳо…

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳанд, ки ин гӯшаи диёр аз замони асри санг сар карда, то имрӯз таъриху фарҳанг, зебоипарастӣ ва дигар расму ойинҳои ниёгонамонро дар худ нигоҳ медорад.

Мардуме, ки дар солҳои гуногун аз ин сарзамини таърихӣ бо сабабҳои гуногун, ба дигар гӯшаҳои кишвари тоҷик ва берун аз он муҳоҷир шудаву рафтаанд, худро ёхсучӣ, даҳбедӣ ҳисобида, аз авлодҳои саромади қавму қабилаҳо -Амир Сайид Аҳмад, Амир Сайид Олӣ Ҳасан ва набераву фарзандони онҳо: Абусаид, Амир Умарӣ ва ё Амир Шоҳимард медонанд.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки ин мавзеъ аз назари илмӣ то ҳол омӯхта нашудааст ва тадқиқу омӯзиши он саҳифаҳои китоби таъриху фарҳанги миллатро рангинтару ғанитар мегардонад.

***Амир Сайиди МУНКӢ,***
***директори Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Ховалинг***

● Хабарҳо аз Хатлон

### Гурӯҳҳои корӣ ба вазъ шинос мешаванд

Гурӯҳҳои кории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо сарварии муовинони раиси вилоят Абдураҳмон Қодирӣ ва Абдуҷаббор Баҳодуров бо мақсади шиносоию беҳбудӣ бахшидан ба вазъи хоҷагии халқи вилоят -ҳолати корҳои саҳроӣ, омодагии муассисаҳои таълимию тандурустӣ ба фасли зимистон, фаъолияти корхонаву муассисаҳо, ҷараёни корҳои ободонию созандагиро мавриди санҷишу омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои онро дар ҷаласаҳои васеи фаъолони ноҳияҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳанд. Мувофиқи нақша санҷиши фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ду ҳафта идома меёбад.

### Нақшаи дурнамои кишти такрорӣ иҷро гардид

Кишоварзони ноҳияи Фархор нахустин шуда миёни ноҳияҳои минтақа иҷрои нақшаи дурнамои кишти такрории зироатро ба анҷом расониданд. Дар ҳама бахшҳои хоҷагидорӣ, дар маҷмӯъ, дар майдони 5895 гектар замин ҷуворимаккаи дон, ҷуворимакка барои хӯроки чорво, шолӣ, сабзавот, полезиҳо, лубиёгӣ, зироатҳои техникӣ кишт гардид, ки нисбат ба нақшаи дурнамо 46 гектар зиёд мебошад.

### Соҳибкорон мардумро бо оби нӯшокӣ таъмин намуданд

Сокинони деҳаи Кадучии деҳоти ба номи «Мирзоалӣ Вайсов»-и ноҳияи Восеъ солҳои тӯлонӣ аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашиданд. Онҳо ҳудуди 4-5 километр роҳро тай намуда, бо ҳар восита аз чашмаи машҳури «Қайнар» об дастрас менамуданд. Ниҳоят бо ташаббусу маблағгузории соҳибкорони зодаи деҳаи мазкур, дар ҳудуди деҳа се чоҳи амудӣ канда, ба масофаи 9,2 километр хати оби нӯшокӣ кашида шуд.

Раиси ноҳия Султон Валиев дар нишасти матбуотӣ бо рӯзноманигорон чунин иқдомро амали нек арзёбӣ карда, иттилоъ дод, ки кандани чоҳҳои амудӣ аз ҷониби соҳибкорони дигар дар як қатор деҳаҳо идома дорад.

### Омилҳои коррупсионӣ ошкор ва зарарҳои он барқарор мешаванд

Тӯли шаш моҳи соли равон кормандони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар самти назорати давлатии молиявӣ, ошкору пешгирӣ намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта фаъолияти 48 ташкилоту муассисаро таҳти санҷиш қарор дода, ба андозаи 2 миллиону 404 ҳазор сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуданд. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 503 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҷиноятҳои ошкоргардида ба шаҳри Кӯлоб 16, Норак 2, Фархор 11, Восеъ 27, Данғара 4 ва ба ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мӯминобод ва Шӯрообод 1 ададӣ рост меоянд.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

● Табиби ман – ҳабиби ман

# ИНСОНИ ДИЛОГОҲ ВА ИМДОДГАРИ ҚАЛБҲО

Агар ба ҳаводиси олам амиқ назар кунем, парда аз рӯйи асрори зиёд бардошта мешавад. Мутаассифона, барои ин амали нек моро ҳам фурсат кам асту ҳам ҳавсала. Ҳама аз ҳад зиёд ташвишу шитоб дорем ва намедонем чаро ва ба куҷо? Агарчи медонем, кори дунё охир надорад, вале боз дунболи он ҳастем, то ба ҳадде, ки гоҳо хобу хӯр ва истироҳатро фаромӯш менамоем. Дар ҳама ҳолат зиндагӣ маҷмӯаи шодию ғамҳост. Ба ин маънӣ, аксари бемориҳо бар асари пастию баландиҳо, ҳодисоти рӯзгор рӯй мезананд. Хушбахтона, дар аксар ҳолат ба бисёре аз он дардҳо Худованд бо сабабе давое бахшидааст.

Бо фармудаи Мавлавии бузург «ҳар киро аз баҳри коре сохтанд, меҳри онро дар дилаш андохтанд», инсонҳо аз бисёр лиҳоз дар зиндагӣ ба ҳамдигар вобаста офарида шудаанд. Бидуни дастгирию мадад, маслиҳату машварати якдигар ба ҷое намерасанд. Ҳамин аст, ки дар дил якеро меҳри касби омӯзгорӣ, дар дигаре деҳқонӣ, дар сеюмӣ муҳандисӣ падидор мегардад. Бо чашми хирад назар кунем, ҳама касбу ҳунар дар зиндагӣ ва дар мавқеи худ аз якдигар муқаддамтаранд. Аз ҷумлаи чунин пешаҳо касби заҳматталаби духтурӣ маҳсуб меёбад…

Соли 1955 дар деҳаи хурдакаки Сайёраи хоҷагии собиқ ба номи Ломанови деҳоти «Комсомол» - и ноҳияи Фархор писарбачае ба дунё омад, ки ба ибораи мардумӣ, дар пешониаш духтур шудан навишта шуда будааст. Волидон бо ҳазор умед ба ӯ Мирзо ном ниҳоданд. Дар замонҳое, ки пахтаю пахтакорӣ чун ашёву соҳаи дорои аҳамияти стратегӣ масъалаи муҳиму аввалиндараҷаи рӯз маҳсуб меёфт, мисли Мирзо барин бачаҳои деҳотӣ ба зиндагии пурмашаққати деҳот нигоҳ накарда, касбу ҳунари пурмасъулиятро интихоб мекарданд. Он замон касе аз кори саҳро дар канор монда наметавонист, ҳатто мактаббачагони хурдсол ҳам. Бо дамидани субҳ то фарорасии торикӣ хурду калон дар саҳро буданд. Бар замми ин, корҳои хоҷагии шахсӣ дар хонаҳояшон онҳоро интизор буд. Бачаҳо, илова бар ин ҳама, бояд дарс мехонданд.

Мирзо ҳам дар ҳамин гуна замону шароити сахт ба дунё омада, ба камол расид. Аз хурдӣ бо меҳнат обутоб ёфт. Бо вуҷуди мушкилиҳо, дар мактаби миёна хубу аъло таҳсил менамуд. Бо худро каме шинохтан меҳри духтур шудан дар дилаш пайдо гашт. Ба ин, пеш аз ҳама, хилъати ҳамеша тозаву сафеди духтурон, муносибати ҳалимонаи онҳо, эҳтироми зиёди мардум ба кормандони тиб сабаб гардида буд.

Беморшавии зани ҳамсоя – модари фарзандони хурдсоли зиёд бошад, ба иқдомаш қатъият бахшид. Оилаи ин занро бинобар вазъи бади иқтисодиашон, ҳамсояҳову ҳамдеҳагон хорузор шудан намемонданд. Рӯзе зани бечора ба дарде мубтало гардид, ки ба қавле аз шиддати он заминро мегазид. Ҳамагон дар таҳлука афтода, Худо мегуфтанд, ки ба он муштипар ҳодисае рух надиҳад, ки фарзандонаш бесоҳиб мемонанд. Беморро ба беморхона интиқол дода, фавран ҷарроҳӣ намуданд. Бахташ баландӣ карду баъди чанд рӯзе шифо ёфта, болои сари фарзандонаш баргашт. Бо бозгашти ҳамсоязан ҳамсояҳо аз хурсандӣ ҷойи нишаст намеёфтанд. Мирзои хурдсол шоҳиди бевоситаи ин рӯйдод буд. Ҳолати ғамгинӣ ва ҳам ҳолати хушҳолии ҳамсояҳо ӯро сахт мутаассир намуд ва қарор дод, ки ҳатман бояд духтур шаваду ба мардум шодӣ орад. Дарк кард, ки пешаи мазкурро бо ҳавою ҳаваси сатҳӣ аз худ намудан имкон надорад.

Бо азми қатъӣ мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4 – ро бо баҳои хубу аъло ба итмом расонд. Нияташ қатъӣ – донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бояд шавад. Донишгоҳе, ки дар миқёси собиқ Иттифоқи Шӯравӣ шӯҳраташ хеле боло буд. Дохил шудан ба он барои ҷавонони деҳотие, чун Мирзо, осон набуд. Мушкилиҳо кам набуданд, аммо бо заҳмату кӯшиш, бедорхобию омӯзишҳо ниҳоят ба мақсад расид.

Соли 1980 ин даргоҳи мӯътабарро бо ихтисоси духтури табобатӣ хатм карда, ба ноҳия баргашт, то хизмати мардумро софдилона ба ҷой орад. Ду сол дар бемористони хоҷагии калонтарини собиқ ба номи Ленини ноҳия дар хизмати мардум қарор дошт. Аз соли 1982 инҷониб ба сифати духтури касалиҳои дили Беморхонаи марказии ноҳияи Фархор софдилона дар хизмат аст.

Духтур ҳам як инсони хокӣ аст. Дардмандон дар ҳолатҳои гуногун муроҷиат менамоянд, вале ҳама бо як умед - шифо ёфтан. Аз пушти бемор нигоҳҳои моломоли илтиҷои наздикону пайвандони шахси беморро на ҳама тоб меорад. Дар чунин ҳолатҳо таҷриба, малакаи бойи табиб ба кор меояд. Ба ин ҳама сабру тоқат зарур аст. Дар баробари машаққати амалӣ, духтури асил бояд рӯҳан ба беморру атрофиёнаш бо суханҳои таъсирбахш умед ба зиндагӣ, баояндаро бахшида тавонад. Мутаассифона, на ҳама маврид тақдири беморон ба дасти духтур аст.Ҳолатҳои маъюсию ғамгинӣ, рӯҳафтодагӣ ва шодию нишот дар фаъолияти сию дусолаи қаҳрамони мо на як бору ду бор рух додаанд. Шукр мекунад, ки ҳолатҳои нишотбахшаш хеле ва хеле зиёд буданд. Гоҳо ба роҳи тайкарда, умри сипарда назаркунон ӯро як ҳолати фараҳбахше фаро мегирад. Чунин менамояд, ки ӯ сарватмандтарини дунёст, агарчи зиндагии хоксорона дорад. Тӯли даҳсолаҳои зиёд ҳамрозу ҳамдарди мардум будану ба дилҳо хурсандӣ, ба хонаҳо бахту саодат овардан чӣ хушбахтии бузургест. Вақте ки дар кӯчаву паскӯча, хурду бузург, шиносу ношинос бо камоли эҳтиром саломат медиҳанд, дар маҳфилу маъракаҳо дар ҳаққат суханҳои нек мегӯянд, ҳамин аст хушбахтӣ.

Дарк менамуд, ки чун духтури ҷавон ба кор омаданаш ҳанӯз маънои ба охир расидани шогирдиашро надорад. Пайвасти илм бо амал пайроҳаи мушкили дигаре буд барояш. Ба бахти ӯ дар ноҳия кам набуданд ҳампешаҳои таҷрибадоре, ки ҳамаҷониба кӯмаку дастгирӣ намуданд: Духтурони номӣ ва маҳбуби ҳамагон - Кудрат Валиев, Хайриддин Ғаюров (ёдашон ба хайр!), Талбак Саидов, Давлатмурод Сафаров, Ҳасан Ғафуров аз ҳамон ҷумлаанд. Худ низ омӯзишро тавассути адабиёти соҳа, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ ва касбӣ мустақилона идома дод.

Мирзо Амирхонов ба пеша, коргоҳу ҳамкорон унс гирифта, ба поён расидани рӯзҳои истироҳатро бесаброна интизорӣ мекашад. Бе онҳо худ гӯё бемор мешавад.

7 сентябри соли 2010 дар ноҳия шӯъбаи алоҳидаи бемориҳои дил таъсис ёфт ва Мирзо Амирхоновро мудири ин шӯъба таъин карданд. Ҳоло дар шӯъбаи мазкур ҳамроҳи духтури маълумоти олидор Комилхӯҷа Раҳматуллоев ва хоҳарону бародарони шафқат Сафар Шоҳаҳмадов, Муслима Талбакова, Сайёра Назарова, Мунира Мирова, Зарнигор Маҳмудова, ки чун духтур Саид Саидов аз ҷумлаи шогирдонаш мебошанд, дар хизмати мардум қарор доранд.

Ёру рафиқон ӯро бо номи аслиаш қариб ном намебаранд. Ин шахси ҳалиму меҳрубон комилан чеҳраи ба русҳо монанд дорад. Ҳамин аст, ки дӯстон бо дӯстдорӣ аз монандии зиёд ба кадом як актёри машҳури рус ба ӯ Ваня ном ниҳодаанд. Ин инсони дилогоҳ ва имдодгари дилҳо ҳамеша бо мазмуни шеъри шоир ба соҳибдилон мегӯяд:

*Хонае обод гардад,*
*мешавад обод дил,*
*Лонае вайрона гардад,*
*мезанад фарёд дил.*
*Роҳи дарду ғам ҳамеша аз*
*дари дил бигзарад,*
*Доимо дорад ниёзи сахт*
*бар имдод дил.*
*Эҳтиёташ кард бояд аз*
*раҳи шукру сипос,*
*Медиҳем барбод худро, гар*
*диҳем барбод дил...*

***Мирзо РУСТАМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| №ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2324/1-1055 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ, нуриҳои минералӣ, тухмиҳо | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 17.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2325/1-1056 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 17.08.2012 соати $9^{30}$ |
| 2326/1-1057 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Макарон | сомонӣ | 316000 | 27.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2327/1-1058 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Битуми СТ 40/70 | тонна | 300 | 17.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2328/1-1059 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 17.08.2012 соати $10^{30}$ |
| 2329/1-1060 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ, мебел, техника | маълумот пешниҳод карда мешавад | | 17.08.2012 соати $10^{50}$ |
| 2330/1-1061 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сарулибоси низомӣ, нишонҳои низомӣ ва ҷиҳози хоб | номгӯй | 17 | 27.08.2012 соати $10^{40}$ |
| 2331/1-1062 | Сарраёсати Хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Техникаи компютерӣ, таҷҳизот ва инвентар | номгӯй | 9 | 17.08.2012 соати $11^{00}$ |
| 2332/1-1063 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 175000 | 27.08.2012 соати $11^{20}$ |
| 2333/1-1064 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 30 | 27.08.2012 соати $11^{40}$ |
| 2334/1-1065 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 16 | 27.08.2012 соати $13^{00}$ |
| 2335/1-1066 | Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 44 | 27.08.2012 соати $11^{45}$ |
| 2336/2-679 | Беморхонаи касалиҳои пӯст ва узвҳои таносули шаҳри Турсунзода | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Аппарати «УВЧ»-66<br>Аппарати «Искра»-1<br>Аппарати «Лоток» | дона<br>дона<br>дона | 1<br>1<br>1 | 27.08.2012 соати $11^{00}$ |
| 2337/2-680 | Шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Турсунзода | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Аппарати Stat Fax 1904+(модель 1939) США | дона | 1 | 17.08.2012 соати $11^{30}$ |
| 2338/2-681 | Беморхонаи клиникии ҷумҳуриявии бемориҳои сили шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 39 | 17.08.2012 соати $11^{50}$ |
| 2339/2-682 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизоти кабинети физика | номгӯй | 36 | 17.08.2012 соати $13^{00}$ |
| 2340/2-683 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемориҳои сили ноҳияи И.Сомонӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 61 | 17.08.2012 соати $13^{20}$ |
| 2341/2-684 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №48-и шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизоти таълимӣ барои синфхонаи кимиё | номгӯй | 17 | 17.08.2012 соати $13^{45}$ |
| 2342/3-542 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмир | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2343/3-543 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино ва иншоот | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.08.2012 соати $9^{30}$ |
| 2344/3-544 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2345/3-545 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои сохтмон ва васлкунӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 17.08.2012 соати $10^{30}$ |
| 2346/3-546 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои нави хонаи истиқоматии 7-ошёна дар шаҳраки №15, ноҳияи Сино | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2347/3-547 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои нави хонаи истиқоматии 7-ошёна дар шаҳраки №15, ноҳияи Сино | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2348/3-548 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони бинои нави хонаи истиқоматии 7-ошёна дар шаҳраки №15, ноҳияи Сино | тибқи санади нуқсонӣ | | 13.08.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.





## ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАСТРАС ШУД!

**Бо хушнудӣ ба Шумо хабар медиҳем, ки акнун мизоҷони Ширкати “МегаФон-Тоҷикистон” ва “Tcell” бидуни комиссия метавонанд ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро бо кортҳои пластики ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, инчунин тавассути низомҳои «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» пардохт намоянд.**

**Дар банкоматҳои бонк дар банди «Рӯйхат» («Меню») ишораи нав пайдо шуд, ки бо истифода аз он дар низоми вақти ҷорӣ барои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Ширкати “МегаФон-Тоҷикистон” ва “Tcell”маблағ гузаронидан мумкин аст.**

**Ба воситаи хизматрасониҳои «Интернет-банкинг», Шумо метавонед пардохти худро дар низоми автоматикӣ ба нақша гиред. Дар ин сурат, тавозуни телефони мобилии Шумо ба таври автоматикӣ дар сана ва вақти нишондодаи Шумо пур карда мешавад.**

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600–68–68 WWW.AGROINVESTBANK.TJ



## *ГАЛЕГА-НОВА* ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД




Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд. Охир воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «ГАЛЕГА-НОВА» коркард намудааст. **ГАЛЕГА-НОВА** барои
**-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;**
-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;
-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ; бемории варикозӣ;
-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад.
-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.
Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад;
**Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад.**
Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани ГАЛЕГА-НОВА, имкон медиҳад ба маротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи ГАЛЕГА-НОВА, шахси дардманд беҳбудии саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.
Истеъмол: дар як рӯз се бор 1-қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл оби гарм омехта нӯшед.
**Давомнокии истеъмол** аз 30 то 90 рӯз. Танаффус ду-се ҳафта ва такрор то ду-се бор дар 1 сол.
**Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст. Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.**
**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 985-33-33-17. Нархаш аз 33- 45 сомонӣ**



## «КРАСНЫЙ КОРЕНЬ» - (СУРХРЕША)




**(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)**

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) номи мардумии растании камёфтест, ки дар кӯҳҳои баланд мерӯяд.
Аз замонҳои қадим СУРХРЕША-ро барои мубориза бо бемориҳои мардона истифода мебурданд. Дар бораи он ки гиёҳ чӣ тавр қувваи мардиро зиёд мекунад, нақлҳои зиёде паҳн шудаанд.
Ҳангоми илтиҳоби ғадуди простата - простатит, яке аз бемориҳои паҳншудаи мардона, СУРХРЕША ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.
Аденома, ки ба «дили мард» - ғадуди простата зарба мерасонад, дар марҳилаи ибтидоӣ хатарнок нест ва агар сари вақт табобати онро бо СУРХРЕША кунед, инкишофашро пешгирӣ кардан мумкин аст.
СУРХРЕША кӯмаки пурзӯр мерасонад, ба пурра холӣ шудани пешобдон мусоидат менамояд, зудии пешобкуниро, хусусан шабона, кам месозад. Тавре маълум аст, бисёр вақт коҳишёбии фаъолнокии ҷинсӣ сабабгори шикастҳои ҳаётӣ мегардад.
СУРХРЕША - гиёҳи шифоии босамар бо таъсири нарму мулоим ба барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон такон медиҳад.
**Тарзи истеъмол:** Шишача 50 мл бо чакрарез рӯзе ду бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда истеъмол намоянд.
Давраи истеъмол - 1 моҳ.
СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надорад.

**Рақам барои алоқа:**
**ш.Москва (495) 921 44 54, www.merkana.ru ш. Душанбе 918 47 93 93**

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**



## ÁÎÐÎÂÀß ÌÀÒÊÀ (äàâîè çàíîíà)




**(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)**

БОРОВАЯ МАТКА - ҳадяест барои занҳо, зеро дар навбати аввал он ба узвҳои занона таъсир мерасонад. Вале бо ин хусусиятҳои шифоии гиёҳ маҳдуд намешавад, беҳуда нест, ки мардум БОРОВАЯ МАТКА -ро «давои чил дард» медонанд.

Ин растанӣ аз қадим дар тибби мардумӣ кор бурда мешавад. Дар солҳои охир тибби анъанавӣ ҳам аз он ҳангоми табобати бемориҳои гинекологии илтиҳобӣ фаъолона истифода мебарад. Ғайр аз ин, он ҳангоми табобати комплексии безурётӣ... беналсӣ, хунравиҳо аз бачадон, токсикоз, вайроншавии давраи ҳайз, часпидани батну найҳо, халалдоршавии гузариш аз найчаҳои бачадон истифода мешавад.

БОРОВАЯ МАТКА таъсири пешоброн дошта, ҳини табобати равандҳои илтиҳобӣ дар гурдаҳо ва пешобдон самарабахш аст.

Гиёҳи БОРОВАЯ МАТКА кори тамоми системаи ҷинсӣ ва пешоброни занро беҳ мегардонад.

Маҳсулоти БОРОВАЯ МАТКА дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шудааст, таъсирот ва бартарии ӯ аз гиёҳҳои хушк кардашудаи БОРОВАЯ МАТКА 3-4 маротиба афзалиятноктар аст.

**Тарзи истеъмол:** Калонсолон ва кӯдакони аз 14-сола боло рӯзе 2 бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда, истеъмол намоянд. Давраи истеъмол - як моҳ.

БОРОВАЯ МАТКА дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин барои гирифторони як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надоранд.

**Аз дорухонаи «ГАРАНТ» пурсон шавед.** Телефон барои маълумот: **ш. Душанбе, 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он 988-80-88-85.**

Истеҳсолкунанда: **ООО «Мерцена» Федератсияи Россия.**


**КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**24 августи соли 2012 музоядаи №19-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд**

1. Бинои анбор ва боғи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент, нишонӣ: шаҳри Панҷакент, шаҳраки Навобод, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ;

2. Дегхонаи маҳаллаи 18, КФ «Хоҷагии манзилию коммуналии ш. Хуҷанд», Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналии ш.Хуҷанд», воқеъ дар ш. Хуҷанд, кӯчаи 50-солагии СССР, бо нархи ибтидоии 500 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда-шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефонҳо: **221-73-74, 221-16-14.** Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. **Музояда соати $10^{00}$ баргузор мегардад.**

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: **221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ WWW.muzoyada-kvd.tj ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон WWW.GKI.TJ гирифтан мумкин аст.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**24 августа 2012 года проводит аукцион №19 по продаже недвижимости**

1. Здание склада и сад Государственного учреждения по содержанию автомобильных дорог города Пенджикента, адрес: город Пенджикент, поселок Навобод, со стартовой стоимостью 100 000 сомони;

2. Котельная в махалле 18 Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», по адресу: город Худжанд, улица 50-летие СССР, со стартовой стоимостью 500 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский.*** **Время проведения $10^{00}$ часов**. Место проведения: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел:221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества WWW.muzoyada-kvd.tj и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан WWW.GKI.TJ

## Эътибор надорад

- Патенти №0105196 бо РЯМ 0930032483-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 24 июни соли 2010 ба Шодиев Даврон Баротович додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи 8Д-3-4-1362 –и гумшуда, ки онро Идораи сеюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, бинои 12/3, ҳуҷраи 32, 2 декабри соли 1992 ба Саидова Қурбонгул Асматовна додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро Муассисаи назорати техникии ноҳияи Фархор соли 1988 барои комбайни СК-5, таҳти рақами силсилавии 885880, рақами муҳаррикаш 10114 ба Ҳайдаров Мизроб Қурбонович додааст, эътибор надорад.
- Номаи камоли Т-ШТУ №0353863-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №54, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2010 ба Шарипов Ҷомӣ Ҷурабекович додааст, эътибор надорад.
- Номаи камоли №272634-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон соли 2001 ба Мирзоев Равшан Ҳабибулоевич додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

- Шаҳрванд Юнусов Бахтиёр Пирмуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0055060 бо РЯМ 0130016682 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 3 майи соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Низамова Зульфия Флюровна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0239111 бо РЯМ 1230072865 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 16 майи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Раҳмонов Ҳамзалӣ Қурбоналиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087635 бо РЯМ 0930030558 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Раёсат, кумитаи иттифоқи касаба ва кормандону устодони ДМТ нисбат ба марги бармаҳали раиси Маркази илмиву тадқиқотии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, доктори илми таърих, профессор

**МАНСУР БОБОХОНОВ**

сахт андӯҳгин буда, ба пайвандон ва наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

**САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ**

**«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.**

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

***ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:*** *Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов*

**Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.**

**НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 7 августи соли 2012, соати 12.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха*

*Навбатдори шумора Ф. Ҳабибуллоева*

*Тарроҳи компютерӣ* Нигина Исмоилова